UNDEF The United Nations Democracy Fund — FNUD Fonds des Nations Unies pour la démocratie

apt association pour la prévention de la torture
asociación para la prevención de la tortura
association for the prevention of torture

PENAL REFORM INTERNATIONAL

# Тавозун байни масъалаҳои бехатарӣ ва шаъну шарафи инсон дар ҳабс:
## асосҳои мониторинги пешгирикунанда



**Маводи таълимии манбавӣ барои мониторинги ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ**

**Нашри дуюм**

Нашрия Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали муносибат бо маҳбусонро, ки соли 2015 таҷдиди назар карда шудааст (Қоидаҳои Нелсон Мандел) дар бар мегирад

**Тавозун байни мсъалаҳои бехатарӣ ва шаъну шарафи инсон дар ҳабс: асосҳои мониторинги пешгирикунанда**

Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо ва Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа миннатдории худро ба Андреа Хубер, Барбара Бернат, Роб Аллен ва Эдуард Деламас (Barbara Bernath, Rob Allen, Edouard Delaplace) барои омоданамоии ҳуҷҷати мазкур изҳор менамоянд.

Ҳуҷҷати мазкур дар доираи лоиҳаи Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо «Таҳкими институтҳо ва зиёд намудани иқтидори ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа дар нӯҳ кишвари ИДМ» дар ҳамокрӣ бо Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа ва бо дастгирии молиявии воситаи Аврупоӣ оид ба рушди демократия ва ҳуқуқи инсон таҳия карда шудааст.

Нашри такрорӣ ва таҷдиди ҳуҷҷати мазкур бо мақсади ба он ворид намудани Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон, ки соли 2015 таҷдиди назар карда шудааст (Қоидаҳои Нелсон Мандела) бо дастгирии молиявии Ҳукумати Британиё Кабир имконпазир шуд.

Тарҷумаи ҳуҷҷати мазкур бо дастгирии Хазинаи демократии СММ дар доираи лоиҳаи «Мустаҳкам намудани волоияти қонун дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон» омода карда шудааст.

Муҳтавои ҳуҷҷати мазкур масъулияти истисноии Ислоҳоти байналмилалии маҳбасхонаҳо мебошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад мавқеи Иттиҳоди Аврупо, Ҳукумати Британиёи Кабир ё Хазинаи демократияи СММ маҳсуб ёбад.

Азназаргузаронии бемаҳдуд, маърӯзакунӣ, таҷдид кардан ва тарҷумаи тамоми ҳуҷҷат ё қисми он иҷозат дода мешавад, вале на бо мақсадҳои фурӯш ё истифодаи он бо мақсадҳои тиҷорат. Ворид намудани ҳама гуна тағйирот ба матни нашрияи мазкур бояд бо розигии Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо амалӣ карда шавад. Истинод ба Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо ва маводи мазкур ҳангоми иқтибосоварӣ - ҳатмист. Дархостҳо тариқи суроғаи электронии publications@penalreform.org. фиристода шаванд

Ороиши матн дар муқова - Ҷон Бишоп.

Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо
(Penal Reform International)
Дафтари асосӣ
60–62 Commercial Street
E1 6LT Лондон, Британиёи Кабир

Тел: +44 (0) 20 7247 6515
Суроғаи электронӣ: **publications@penalreform.org**
**www.penalreform.org**

Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа
(Association for the Prevention of Torture)
PO Box 137
CH-1211 Женева 19
Швейцария

Тел: +41 (22) 919 21 70
Почтаи электронӣ: **apt@apt.ch**
**www.apt.ch**

© Penal Reform International 2013

Нашриёти дуюм ©Penal Reform International 2015. Бори аввал соли 2013 нашр шудааст. Солҳои 2013 ва 2015 аз нав нашр шудааст.
Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (PRI) созмони ғайриҳукуматии мустақил мебошад, ки дар ҷавоб ба мушкилотҳои дар соҳаи адолати судии ҷиноӣ дар тамоми ҷаҳон ҷойдошта тадбирҳои одилона, самаранок ва мутаносибро таҳия ва пешбарӣ менамояд.

Мо чораҳои алтернативиро нисбат ба ҳабс, ки ба тавонбахшии ҳуқуқвайронкунандагон мусоидат мекунанд пешбарӣ менамоем, аз ҷумла ба риояи ҳуқуқи шахсони дар ҳабс қарор дошта ба муносибати одилона ва башардӯстона. Мо баҳри роҳ надодан ба шиканҷа ва бекор кардани ҷазои қатл баромад намуда, кори мо ба таъмини муносибати одилона ва муносиб бо занону кӯдаконе, ки бо қонун дар мухолифат омадаанд, равона шудааст.

Айни замон мо барномаҳоро дар Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ, дар давлатҳои Африқоӣ дар ҷануб аз Сахара, Аврупои Шарқӣ, Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ амалӣ намуда, бо шарикони худ дар Осиёи Ҷанубӣ кор мекунем.

Барои гирифтани ахбори ҳармоҳаи электронии мо, лутфан дар суроғаи зерин худро бақайд гиред: www.penalreform.org/keep-informed.

# Мундарича

**Муқаддима ........ 4**

**Дарки масъалаҳои таъмини шаъну шарафи инсон ва бехатарӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ 5**

1. Муносибати муносиб дар маҳбас: ҳуқуқи асосӣ ........ 5
2. Бехатарӣ дар маҳбас: ташвиши асоснок ........ 6
3. Робитаи мутақобила байни шаъну шарафи инсон ва бахатарӣ дар маҳбас ........ 9
4. Қонунӣ, зарурӣ ва мутаносибии чораҳои бехатарӣ ........ 10
5. Муносибати ҷамъият ва моҳияти иҷтимоӣ ........ 10

**Омилҳои хавф, ки аз диққати беандоза ба масъалаҳои бехатарӣ бармеоянд ........ 12**

1. Идорае, ки барои муассисаи шакли пӯшида масъул мебошад ........ 12
2. «Таснифи беандоза» ........ 14
3. Воситаҳои оромкунӣ ........ 16
4. Тафтиши шахсӣ ........ 18
5. Ҷудонамоӣ ва нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса ........ 20
6. Маҳбасхонаҳо бо «низоми мутлақо сахт» ........ 24
7. Истифодаи беандозаи технологияҳо ва назорати видеоӣ ........ 26
8. Муносибати мутақобилаи кормандон-маҳбусон ва зӯроварӣ дар байни маҳбусон ........ 27

**Чӣ тавр ташкилотҳои мониторингӣ метавонанд тавозунро байни масъалаҳои бехатарӣ ва шаъну шарафи инсон таъмин намоянд? ........ 31**

# Муқаддима

Вақте ки давлат инсонро аз озодӣ маҳрум менамояд, вай ба зиммаи худ уҳдадориро оид ба таъмини риояи шаъну шарафи инсон мегирад. Ба ғайри аз ин, давлатҳо уҳдадоранд дар шароити маҳбас бехатарӣ ва ҳимояи маҳбусон, кормандон, боздидкунандагон ва ҷомеаро дар даруни деворҳои муассисаҳои шакли пӯшида таъмин намоянд. Ин ду уҳдадориҳо ба ҳамдигар мухолифат намекунанд, вале якҷоя фаъолият менамоянд, зеро бехатариро дар шакли беҳтарин дар низоми хуб ба нақшагирифташуда ва одилона идорашаванда, ки дар он бо маҳбусон дар асоси башардустӣ ва боадолатона муносибат менамоянд, таъмин намудан мумкин аст.

Дар ҷойҳои маҷбуркунӣ, ки ба сифати он маҳбас ба ҳисоб меравад, хатари он мавҷуд аст, ки ташвиши масъалаҳои таъмини бехатарӣ ва тартибот ба таври оддӣ назар ба таъмини шаъну шарафи инсон ва адолат афзалтар ҳисобида мешаванд. Чораҳои аз ҳад зиёд ё бонизоми бехатарӣ метавонанд ба маҳдуднамоии шаъну шарафи маҳбусон оварда расонанд, масалан бе ягон зарурат маҳдуднамоии ҳаракат, истифодаи ашёҳои шахсӣ, ягон фаъолият ё гузаронидани тафтиши шахсии доимӣ, татбиқи ҳабси яккасаи дарозмуҳлат ё номуносиб. Ҳарчанд, ки дар сатҳи инфиродӣ чораҳои зикргардидаи бехатарӣ ҳудуди иҷозатдодашударо нагузаранд ҳам, дар маҷмӯъ метавонанд ба муносибати ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шарафи инсон баробар карда шаванд.

Дар баробари афзоиши фишори сиёсӣ ва расонавӣ бо талаби пурзӯр намудани чораҳои бехатарӣ ва эътино ба ҷинояткорӣ, сатҳи хафв зиёд мегардад. Тамоюли мазкур дар бештари давлатҳо дар даҳсолаи охир ба назар мерасад, аз он ҷумла эътино ба ангеза ё ангезаи қабулшуда-сатҳи ҷинояти муташаккил, зӯроварии иҷтимоӣ ва таҳдидҳои бо терроризм алоқаманд.

Шахсони маҳкумшуда, дар вазъияти бемувозинатӣ дар низоми муносибати омирона қарор доранд ва махсусан дар назди суистифодакуниҳо осебпазир мебошанд. Дар бештари муносибатҳо бехатарӣ нисбат ба шаъну шараф аз рӯи як қатор сабабҳо «афзалият» дорад, аз он ҷумла:

- Сатҳи чораҳои бехатарӣ бо мақсади ҷуброни норасоии захираҳои инсонӣ пурзӯр карда мешавад;
- Кормандони маҳбасҳо мехостанд, ки аз танқид барои «таъмини сусти бехатарӣ» дурӣ ҷӯянд ва мутаносибат имкониятҳоро ба тарафи бештар пурзӯрнамоии шароити нигоҳдорӣ интихоб менамоянд;
- Сатҳи нокифояи омодагӣ метавонад маънои онро диҳад, ки кормандон чунин чораҳои бехатариеро истифода менамоянд, ки онҳо ғайримақсаднок ва беандоза мебошанд.

Мақомоти мониторингкунанда, аз ҷумла Механизмҳои миллии пешгирикунанда (ММП), ки мутобиқи Протоколи факултативӣ ба Коневенсия бар зидди шиканҷа (ПФКМШ) таъсис дода шудаанд, барои бозидани нақши муҳим дар ошкорнамоӣ, азрёбӣ ва таҳлили харакатҳои вайроннамоии шаъну шарафи инсон бо сабаби пурзӯрнамоии чораҳои бехатарӣ даъват карда шудаанд.

Дар асоси боздиди мунтазами ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс ва гузаронидани суҳбатҳои махфӣ бо кормандон ва маҳбусон, мақомоти мониторингкунанда метавонанд маълумотро аз дасти якум дар бораи он ки, чӣ гуна расмиёт ва таҷриба дар самти бехатарӣ ба шаъну шарафи маҳбусон таъсир мерасонад, ба даст оранд. Онҳо қобилияти гузаронидани таҳлилро оид ба зарурат ва таносуби чораҳои бехатарии андешидашуда доранд ва оё онҳо дар асоси адолат ва ғайритабъизӣ гузаронида мешаванд. Дар асоси ин, онҳо метавонанд тавсияҳои мушаххасро оид ба таъмини ҳимояи шаъну шарафи инсонии маҳбусон таҳия намоянд, дар баробари ин, талаботи чораҳои бехатариро вайрон накунанд.

Мақсади ҳуҷҷати мазкур дар мусоидат намудан ба ташкилотҳои монитронигкунанда, аз он ҷумла ММП ва ба онҳо пешниҳод намудани инстурменти таҳлилӣ барои чораҳои зерин мебошад:

- Фаҳмиши консепсияи мафҳуми «шаъну шараф ва бехатарӣ» дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва алоқаи мутақобила байни онҳо;
- Қабулнамоии он, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда хатарро ба вуҷуд меоранд ё барои зӯроварӣ моиланд, метавонанд ба «кӯшиши зиёдатӣ» бовар карда ба чораҳои бехатарӣ оварда расонанд;
- Ошкорнамоии вазъияте, ки ҳангоми онҳо хавфи мушаххаси аз ҳад зиёд арзёбӣ намудани чораҳои бехатарӣ дар маҳбасҳо ба зарари шаъну шарафи маҳбусон мавҷуд аст.

[1] Andrew Coyle, A Human Rights Approach to Prison Management: Handbook for Prison Staff (Маркази байналмилалии таҳқиқотҳои пенитенсиарӣ, 2002с.)саҳ.58.

# Фаҳмиши масъалаҳои таъмини шаъну шарафи инсонӣ ва бехатарӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

## 1. Муносибати муносиб дар маҳбас: ҳуқуқи асосӣ

Шаъну шараф ба ҳар як инсон аз лаҳзаи таваллуд таалуқ дорад ва ба арзишҳо ва ҳуқуқи инсон ба муносибати эҳтиромона ва башардустона асос ёфтааст. Дар моддаи 10 Паймони байналмиалӣ оид ба ҳуқуққҳои граждании ва сиёсӣ (ПБҲГС) дарҷ гардидааст, ки «тамоми шахсоне, ки аз озодӣ махрум гаштаанд, ҳуқуқ ба муносибати башардустона ва эҳтироми шаъну шарафи ба шахсияти инсон таалуқдоштаро дорад». Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон зикр кард, ки эҳтироми шаъну шарафи инсон меъёри умумии ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад ва аз он даст кашида намешавад[2].

Чӣ тавре, ки Комиссияи байниамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (КБАҲИ) қайд менамояд «маҳрумнамоӣ аз озодӣ низоми назорати мутлақ, талафоти махфият, маҳрумнамоии фазои ҳаёт ва пеш аз ҳама пастравии қатъии воситаҳои худмуҳофизатии шахсиятро муқаррар менамояд». Комиссия ба хулоса омад, ки ҳамчун натиҷа, амали маҳрумнамоии озодӣ «ҳамроҳи худ уҳдадориҳои мушаххас ва моддиро оид ба ҳифзи шаъну шарафи инсонии маҳбус мебарад»[3].

Дар баробари он, ки қисми асосии он манъи мутлақ ба татбиқи шиканҷа ба ҳисоб меравад, ҳуқуқи инсон ба муносибати бошарафона, пешниҳод намудани шароитҳои моддии оқилона, аз он ҷумла озуқаворӣ, об ва дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ дар ҳаҷми кофиро дар бар мегирад. Расмиёти ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шарафи маҳбасҳо низ шаъну шарафи маҳбусонро маҳдуд менамоянд, масалан ба сифати намуна пӯшидани либоси маҳбасӣ. Масалан дар Техас ва Руанда маҳбусони ҷинси мардро маҷбур мекарданд, ки либоси маҳбасии ранги гулобӣ пӯшанд ва бо ин онҳоро махсусан паст мезаданд. Маҷбурнамоии маҳбусони ҷинси зан барои пӯшидани комбинезон ҳамчун шакли либос, метавонад ҳамон таъсирро ба монанди пастзанӣ ба бор оварад, зеро ҳангоми ба ҳоҷатхона рафтан онҳо маҷбур мешаванд, ки либосашонро пурра кашанд. Дар баъзе давлатҳо расмиётҳои шубҳанок, ки ба моҳияти бехатарӣ мутобиқат намекунанд, татбиқ карда мешавад, масалан маҷбур намудан барои роҳ рафтан бо қадамҳои сафарӣ дар майдонҳои машқ ва хондани сурудҳои ватандустӣ ё иҷозати ҳаракат тибқи тартиби қатъиян муқаррааршуда[6].

Ҳуқуқ ба шаъну шарафи инсонӣ ба ғайр аз дигарон, инчунин татбиқи қоидаҳо ва расмиёти одилонаро дар бар мегирад, ки дар онҳо ба табъиз роҳ дода намешавад, баръакс муносибати боэҳтиромонаи байни кормандон ва маҳбусон ҳавасманд гардонида мешавад. Муносибати манфӣ, рафтор, ошкорнамоии ҷамъиятӣ ё алфози қабеҳ дар сатҳи баробар шаъну шарафи инсонро вобаста аз он, ки одамон чиро пастзананда ва таҳқиркунанда меҳисобанд, паст мезананд.

Ҳудудҳои масъулияти давлат аз доираи пешгирии суистифодаи фаъол нисбат ба маҳбусон берун мебароянд. Масъулият худдорӣ намудан, расмиёти пастзанандаи шаъну шарафро дар бар мегирад, ки он шаъну шарафи инсонро маҳдуд менамояд ва ба мақсадҳои

---

[2] Назорати тартиботи умумии № 29, Ҳолати фавқулодда (Моддаи 4), CCPR/C/21/Rev.1/Add.11, 31 августи 2001с., б.13а.

[3] Комиссияи байниамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (IACHR), Гузориши махсус оид ба вазъи ҳуқуқи инсон дар маҳбаси Чаллапалка дар Перу, б. 113; IACHR, Маърӯзаи No.41/99: Ноболиғони боздоштшуда, Гонудрас, 10 марти 1999с., б.135.

[4] Мас. ниг. 'Arizona criminals find jail too in-'tents", CNN, 27 July 1999; and 'The cruelest sheriff in America', Waging Non-Violence website, 27 July 2009. http://edition.cnn.com/US/9907/27/tough.sheriff/; http://wagingnonviolence.org/2009/07/the-cruelest-sheriff-in-america/. <Accessed 23 September 2013>

[5] Мас. ниг. 'Rwanda: prison reform by colour, chants and drums', The Guardian, 15 March 2011. http://www.theguardian.com/world/2011/mar/15/letter-from-rwanda-prisons-walls. <Accessed 23 September 2013>

[6] 'Kazakhstan's Living Gulags', BBC Radio 4, 19 августа 2013г., http://www.bbc.co.uk/programmes/b03859mq <Accessed 23 сентября 2013>

бехатарӣ ё расидан ба дигар вазифаҳо мусоидат намекунад, аз он ҷумла таъмини он, ки сатҳи азобкашии маҳбус дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ аз сатҳи ба маҳрумнамоӣ аз озодӣ зиёд набошад.

Дар қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон[7] ин принсипҳо эътироф карда мешаванд, махсусан дар он Қоидаҳое, ки соли 2015 таҷдиди назар шуда буданд.[8] Яке аз принсиҳои ҳамарофарогиранда дар Қоидаҳои таҷдиди назаршуда зарурати муносибат бо эҳтироми шаъну шарафи инсон ва моҳияти инсонии ҳамаи маҳбусон ба ҳисоб меравад. Ин муқарарот инчунин ба он дахл дорад, ки он дар Қоидаҳо нисбат ба муносибати омодагии кормандон зарур аст ва он ба худ риоя намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони муассисаи шакли пӯшидаро ҳангоми иҷрои функсияҳои худ аз ҷониби онҳо дар бар мегирад. Қисматҳои ошкори ин ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ин эҳтиром шаъну шарафи инсонии ҳамаи маҳбусон ва манъи намудҳои муайяни рафтор, махсусан татбиқи шиканҷа ва дигар намуди муносибат ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шараф ба ҳисоб меравад. Ҳангоми омоданамоии кормандон инчунин бояд масъалаи таъмини бехатарӣ ва ҳимоя, аз он ҷумла консепсияи серҳаракати бехатарӣ, татбиқи қувва ва воситаҳои оромкунанда, аз ҷумла муносибати дахлдор бо ҳуқуқвайронкунандагони хатарнок дар асоси усулҳои пешгирикунанда ва бехатаргардонанда, масалан гуфтушунидҳо ва миёнаравиҳо низ ворид карда шаванд. Омоднамоӣ оид ба масъалаҳои эҳтиёҷоти равонӣ-иҷтимоии маҳбусон ва тамоюлҳои муайян дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ, бо усули расонидани ёрии иҷтимоӣ ва ошкорнамоии маҳбусони дорои масъалаҳои равонии саломатӣ низ ҳатмӣ ба ҳисоб мераванд.

Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда истинод ба уҳдадории маъмурияти маҳбас оид ба мунтазам таъмин намудани бехатарӣ ва ҳимояи маҳбусон, кормандон, таҳвилдиҳандагони хизматрасонӣ ва боздидкунандагонро доро мебошад.[9]

## 2. Бехатарӣ дар маҳбас: ташвиши асоснок

Таъмини бехатарӣ ва тартибот принсипи асосӣ дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи инсон низом ва бехатарии шахсӣ элементи ҷудонопазири масъулияти давлат оид ба ҳифзи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин, бо ҷиддӣ маҳдуд намудани озодии ҳаракати маҳбусон ва қобилияти онҳо ба худмуҳофизатӣ, давлат ба зиммаи худ уҳдадории баландро оид ба ҳимояи онҳо мегирад[10].

**Комиссияи байниамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон**

««Далели он, ки давлатҳо назорати самаранокро аз болои маҳбасҳо амалӣ менамоянд, маънои онро дорад, ки онҳо бояд дорои қобилияти нигоҳдории тартиботи дохилӣ ва бехатарӣ дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ, бе маҳдуд кардани худ бо периметри берунаи маҳбасҳо, бошанд. Онҳо бояд дорои қобилияти мунтазам таъмин намудани бехатарии маҳбусон, аъзои оилаи онҳо, боздидкунандагон ва онҳое, ки дар он ҷо кор мекунанд, бошанд[11].

Таъмини бехатарӣ ба худ чораҳоро оид ба пешгирӣ ва эътино ба сӯхтор ва дигар вазъияти фавқулодда ва оид ба таъсиси шароити дахлдори меҳнат барои маҳбусон ва кормандон дар бар мегирад. Ба инҷо инчунин расмиёт оид ба профилактика ва пастнамоии сатҳи худкушӣ ва маъюбкунии ягон узви бадан дохил мешаванд.

Таъмини бехатарӣ дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ аз як чанд таркиб иборат аст. Якум ин масъалаи бехатарии беруна (яъне ҳимояи бехатарии периметр ё бехатарии ҷисмонӣ), ки мақсади он пешгирӣ намудани фирор ва дигар тамосҳои номатлуб ва ғайриқонунӣ бо дунёи деруна мебошад. Асосан чунин бехатарӣ аз ҳисоби инфрасохтори ҷисмонӣ, масалан

[7] Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусони таҷдидшуда (Қоидаи Нелсон Мандел) аз тарафи Комиссияи СММ оид ба огоҳинамоии ҷиноят ва адолати суди ҷиноятӣ 22 майи соли 2015 қабул карда шуда, аз тарафи Шӯрои Иқтисодӣ ва Иҷтимоӣ 9 сентябри соли 2015 маъқул дониста шудааст UN-Doc. E/RES/2015/20 ва аз тарафи Кумитаи сеюми Маҷмаии Умумии СММ 5 ноябри соли 2015 қабул шудааст UN-Doc. A/C.3/70/L.3 (дар лаҳзаи нашри мақолаи мазкур, Қатънома дар баррасӣ дар рафти маҷлиси пленарии МУ СММ қарор дошт)

[8] Муқаррароти таҷдидшуда масъалаҳои эҳтироми шаъну шарафи маҳбусон, ки ба ҳар як инсон таалуқ дорад ва ба арзишҳои аз лаҳзаи таваллуд ҳамчун инсон; хизматрасонии табобатӣ-солимӣ;чораҳои интизомӣ ва муҷозот;тафтишоти ҳолатҳои марг ҳангоми нигоҳдорӣ дар ҳабс, инчунин дилхоҳ аломатҳо ё тастидқи татбиқи шиканҷаи ва дигар намуди муносибати ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шараф бо маҳбусон; ҳимоя ва эҳтиёҷоти махсуси гурӯҳҳои осебпазир асос ёфтааст.

[9] Стандарҳои ҳадди ақали қоидаҳои таҷдиди назарашуда, Қоидаҳои 1 ва 76.

[10] Маърӯзаҷии вежаи СММ оид ба қатли ғайрисудӣ, маҷмӯӣ ва худсарӣ, Маърӯзаи Маҷмааи Умумии СММ, 5 сентябри соли 2006 A/61/311, б.51.

[11] Комиссияи байниамеркоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (IACHR), Маърӯза оид ба ҳуқуқи инсон, шахсони дар Амрикои Шимолӣ ва Ҷанобӣ аз озодӣ маҳрумшуда (Report on the human rights of persons deprived of liberty in the Americas), 2011г., б.77.

ин биноҳои маҳбасҳо, девор ва садҳо, низоми пешгирӣ ва ошкорнамоӣ, ба даст оварда мешавад.

Дуюм, ин масъалаи таъмини бехатарии дохилӣ дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ, бо номи бехатарии қоидавӣ ё назорат мебошад. Бехатарии қоидавӣ-ин қоидаҳои ҳаракати маҳбусон дар дохили муассиса мебошад, ки ба он ашёҳои шахсӣ ва дигар ашёҳои барои нигоҳдорӣ иҷозатдодашуда, расмиёти тафтиши маҳбусон ва боздидкунандагони онҳо, инчунин рӯзнома дохил мешавад. Қоидаҳои интизомии оқилона ва мутаносиб, ки онҳоро ҳам маҳбусон ва ҳам кормандон ухдадоранд риоя намоянд, ба муқаррарнамоии тартиби мушаххас мусоидат менамоянд. Барои таъмини самараноки бехатарии қоидавӣ на танҳо мавҷудияти маҷмуи мушаххаси қоидаҳо лозим аст, балки инчунин иҷрои мушаххас (бо ҳайати пурра) аз ҷониби кормандоне, ки бояд ба кор мутобиқи тахассус ва омодагии хуб қабул карда шаванд, лозим аст ва онҳо бояд маоши арзанда гиранд.

**Маълумотномаи СММ оид ба танзими ҳодисаҳои маҳбасӣ:**

- рӯйхати мансабӣ, ки бояд ба шумораи маҳбусон мутаносиб бошад;
- сатҳи таҷриба ва салоҳиятнокии корманд;
- банақшагирӣ/маҳали ҷойгиршавии маҳбас;
- самаранокии инфрасохтори омории бехатарӣ;
- қобилияти самаранок тасниф намудани маҳбусон ва тақсимнамоӣ ба категорияҳо»[12].

Тақрибан ҳамаи муассисаҳо низоми бисёрсатҳаи бехатарии худро барои идоранамоии хавфҳои аз тарафи маҳбусон бавуҷудоянда, доро мебошанд. Маҳбусон бояд аз рӯи таснифот фавран пас аз омадани онҳо тақсим карда шаванд ва аз рӯи сатҳи хавфе, ки онҳо ба вуҷуд меоранд, баҳогузорӣ карда шаванд. Дар бештари давлатҳо низоми «пешрафта»-и баҳогузории хавф татбиқ карда мешавад, ки он маънои онро дорад, ки агар маҳбус тартибро риоя намояд, пас вай минбаъд метавонад ба шароити сабуктари нигоҳдорӣ гузаронида шавад.

Яке аз душвориҳо ин мавҷудияти муассисаҳо ё қисми муассиса бо низоми махсусан сахти нигоҳдорӣ ба он категорияи шахсоне ба ҳисоб меравад, ки онҳо сатҳи баланди хатарро барои дигар маҳбусон ва барои худ, хавфи содир намудани фирор ва ё хавфи баланди хатарро ба ҷомеа ҳангоми фирор ба вуҷуд меоранд. Душвории дигар метавонанд колонияҳои ислоҳие баромад намоянд, ки дар онҳо маҳбусон ба кор ба ягон нуқтаи аҳолинишин мераванд, калиди ҳуҷраҳои худро доранд ва нисбатан бо ҳаракатҳои озодона зиндагонӣ менамоянд. Байни ин душвориҳо, бештари давлатҳо мабҳасҳоро бо сатҳҳои гуногуни бехатарӣ ва низомҳои нигоҳдорӣ, нигоҳ медоранд.

Яке аз ҷанбаҳои калидии бехатарӣ дар колонияҳои ислоҳӣ ин зарурати пешгирии зӯроварӣ дар байни худи маҳбусон ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо метавонад як чанд лаҳза вуҷуд дошта бошад: аз ҳолатҳои алоҳидаи зӯроварӣ нисбати дигар маҳбусон, зӯроварии мунтазам нисбати категорияи бештар осебпазири маҳбусон ва низоми зӯроварӣ аз тарафи сохторҳои ғайрирасмии гурӯҳҳои роҳзан дар дохил ё «блатных и смотрящих» то ба низоми «самоуправляемых», ки дар онҳо масъалаи таъмини бехатарии дохилӣ ба дасти худи маҳбусон дода мешавад. Дар қисматҳои бештари ҷаҳон, махсусан дар он ҷойҳое, ки маҳбусон дар иморатҳои баракшакл нигоҳ дошта мешаванд, назорат амалан дар дасти категорияи маҳбусони нисбатан бартаридошта қарор дорад.

[12] СММ, Маълумотнома оид ба танзими ҳодисаҳои маҳбасӣ (Prison Incident Management Handbook) 2013с., саҳ.26.
[13] Вобаста ба ин масъала, ниг. Маърузаи IACHR op.cit, б.79-93. Дар маърӯзаи Кумитаи аврупо оид ба пешгирии шиканҷа (КАПШ) дар Латвия барои соли 2007, банди 40, иерархяи ғайрирасмии дуздон дар муҳити маҳбас, ки дар давлатҳои баъдишӯравӣ паҳн гаштааст, инъикос гардидааст.

**Дар фасли «Чораҳо оид ба мубориза бо таҷовуз дар вазъияти фавқуллода» Комиссияи байниамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон чораҳои зерини профилактикиро ҷудо менамояд, махсусан:**[14]

- ба категорияҳои гуногун тақсим намудани шахсони аз озодӣ маҳрумшуда;
- таъмини гузаштани омодагии мунтазам ва дахлдор аз тарафи кормандон;
- зиёднамоии шумораи ҳайати шахсӣ, ки барои бехатарии дохилӣ ва назорат масъуланд ва муқаррарнамоии низоми мунтазам назорати дохилӣ;
- муқарранамоии механзими огоҳинамои барвақтии низоҳо ё вазъияти фавқуллода;
- мусоидат намудан ба истифодаи принсипҳои медиатсия (миёнаравӣ) ва бо роҳи осоишта ҳал намудани низоҳои дохилӣ.

Низом бо номи «бехатарии серҳаракат» равишро ба таъмини бехатарӣ инъикос менамояд, ки ба худ ҳамкории мутақобила байни корандон ва маҳкумонро дар асоси муносибати одилона ва фаъолияти мақсаднок мутобиқ мегардонад, ки он ба азнавякҷояшавии маҳбусон ба ҷомеа мусоидат менамояд.

Ин низом ба худ амалҳоеро, ки дар бар мегирад, ки онҳо ба муносибати касбӣ, мусбӣ ва эҳтиромонаи байни кормандон ва маҳбусон мусоидат менамоянд. Барои ин бояд аҳолии маҳбасро хуб донистан ва муносибати байни маҳбусонро, инчунин байни маҳбусон ва маъмурияти маҳбасро фаҳмидан лозим аст, ки он ба кормандон имконият медиҳад, ки бавуҷудоии душвориҳо ва хавфи бехатарро огоҳ намоянд. Равиши мазкур аз он бармеояд, ки бемувозинатии ҳокимият дар муносибати кормандон-маҳбусон метавонад ҳамчун иғво ё муҷозот қабул карда шавад. Бехатарии серҳакарат бояд бо мавҷудияти муқаррароти дахлдор ва расмиётҳо ва махсусан бо сатҳи оқилонаи интихоб, ба кор қабулкунӣ ва омодагии кормандон ҳамроҳӣ карда шавад.

**Маълумотномаи СММ оид ба танзими ҳодисаҳои маҳбасӣ**

«Кормандони маъмурияти маҳбас бояд фаҳманд, ки ҳамкории мутақобила бо маҳбусон дар асоси башардустӣ ва адолат, сатҳи бехатарӣ ва тартиботро дар маҳбас баланд мебардорад (...). Новобаста ба таносуби шумораи ҳайати шахсӣ, ҳар як ҳамкории мутақобила байни кормандон ва маҳбусон ба таҳкими муносибат байни ду субъект мусоидат менамояд ва чунин ҳамкории мутақобила бояд мусбӣ, ба риояи принсипҳои шаъну шараф ва эҳтироми мутақобила ба он андозае, ки одатан одамон ба ҳамдигар муносибат менамоянд ва мутобиқи принсипҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва муқарарроти дахлдори ҳуқуқӣ асос ёбад»[15].

Намунаҳои бехатарии серҳаракатро дар маҳбасҳои идоранамоии бевосита ё мустақили ИМА дарёфт намудан мумкин аст. Онҳо ҳамчун манзили истиқоматии на он қадар калони ғайримарказонидашуда ташкил карда шудаанд, ки дар онҷо кормандон дар муносибати бевосита бо маҳбусон, на ин ки дар нуқтаи фармоишӣ (ҳуҷраи операторӣ) ё бурҷҳо, кор мекунанд. Таҳқиқоти муқоисавӣ нишон доданд, ки бе хароҷоти калон ба сохтмони биноҳо ё пурранамоии мансабҳо низ амал кардан мумкин аст, ки дар онҳо сатҳи пасти таҷовуз ва дигар вайронкориҳои ҷиддӣ, вазъияти нисбатан беташвиш ва шароити нисбатан беҳтари дастрасӣ ба механизмҳои машваратӣ ва барномаҳои тавонбахшӣ мавҷуд аст. Хуласи гап, дар чунин муассисаҳо бо эҳтимолияти нисбатан баландтар ҳам бехатарӣ ва ҳам шаъну шарафи инсонӣ таъмин карда мешавад.

Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда консепсияи бехатарии серҳаракатро эътироф менамоянд, маъмурияти маҳбасҳоро барои татбиқ намудани механизми пешгирии низоҳо, медиатсия ё дилхоҳ механизми алтернативии дигари ҳалли баҳсҳо бо мақсади профилактикаи вайронкуниҳои интизомӣ ва махсусан ҳалли низоҳо, то андозае, ки имконпазир аст, ҳавасманд мегардонанд. Дар Қоидаҳо, ба ғайр аз дигар чизҳо, талабот оид ба омухтани кормандон вобаста ба масъалаи таъмини бехатарӣ ва ҳимоя, аз он ҷумла омӯзиши консепсияи бехатарии серҳаракат, бо дарназардошти усулҳои профилактикӣ ва

---

[14] Принсипи XXIII, Комиссияи байниамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (IACHR), Принсипҳо ва таҷрибаи беҳтарин оид ба ҳифзи одамони дар Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ аз озодӣ махрумшуда..
[15] СММ, Маълумотнома оид ба танзими ҳодисаҳои маҳбасӣ, 2013с., саҳ.21, 22.
[16] Wener R E, The effectiveness of direct supervision correctional design and management: A review of the literature, Criminal Justice and Behaviour 33, 2006, pp367-391.

безараргардонӣ, ба монанди гуфтушунидҳо ва медиатсия, мавҷуд аст[17].

## 3. Алоқаи мутақобила байни шаъну шарафи инсонӣ ва бехатарӣ дар маҳбас

Таъмин намудани бехатарӣ ва шаъну шарафи инсонӣ ба сифати омилҳои бо ҳам вобаста баромад менамоянд. "Колонияҳои ислоҳӣ" ва "шаъну шарафи инсонӣ" на танҳо ба сифати мафҳумҳои муқоисашаванда баромад менамоянд: онҳо бояд бо ҳам мувофиқ шаванд[18].

Бехатарӣ ва назорат дар шакли беҳтарин дар шароите, ки дар он шаъну шарафи модарзодии маҳбусон риоя карда мешавад, таъмин карда мешавад. Маркази байналмилалии таҳқиқоти пенитенсиарӣ аз ин рӯ қайд менамояд: "тасдиқи он ки муносибати башардустона ва одилона бо маҳбусон ба пастравии бехатарӣ ё назорат оварда мерасонад, тамоман беасос мебошад". Дар ҳақиқат мафҳуми адолат ва қонуният моҳияти ҳалкунандаро на танҳо барои нигоҳдории беҳбудии ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс доранд, балки таъсири ошкороро барои нигоҳдории тартибот низ мерасонанд[19]. Агар ҳуқуқи маҳбусон риоя карда шаванд, бо эҳтимолияти баланд, онҳо ба эътирофнамоии қонунӣ будани амалҳо ва "нуфуз"-и кормандони маҳбасҳо оғоз менамоянд. Таҳқиқоти дар муассисаҳои шакли пӯшидаи Британиёи Кабир гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки маҳбусон худашон барои нигоҳдории тартибот ва бехатарӣ баромад менамоянд, вақте, ки вазъияти муносибати одилона, эҳтиромона ва башардустонаро пайхас намоянд, ки ин моҳияти аввалиндараҷаро дар шароити ҳаёти маҳбас дора[20].

Дар баробари ин, усулҳои муайян ва чораҳои бехатарӣ метавонанд бо монеа шудан ба амалинамоии ҳуқуқҳои худ аз ҷониби маҳбусон, аз рӯи хусусияти худ интрузивӣ ва маҳдудкунанда бошанд. Ташвиши ба бехатарӣ вобастабуда, эҳтимолан ба зарари шаъну шарафи маҳбусон баланд арзёбӣ мегарданд; чораҳои барои таъмини бехатарӣ гирифташуда, эҳтимолан номутаносиб ё ҳатто аз ҳад зиёд бошанд; усулҳои татбиқнамоии онҳо метавонанд сахт ё фишороваранда ва ё дар ҳолатҳои бо низом татбиқнамоии онҳо бе баҳисобгирии он, ки оё ин ва ё он маҳбус хатарро ба вуҷуд меорад, метавонад ба хавфи амалӣ оварда расонад.

Душвориҳое, ки бо онҳо маъмурияти маҳбас рӯ ба рӯ мешавад, дар таъмини баробари бехатарӣ ва кафолати риояи ҳуқуқҳои инсон ва шаъну шарафи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дарҷ мегардад. Бояд чунин сиёсатҳо дар шакли кодекси рафтор бо мақсади ба самти бонуфуз равона намудани фаъолияти маъмурияти маҳбасҳо ва кормандон ҳангоми амалинамоии чораҳои бехатарӣ таҳия ва ҷорӣ карда шавад. Ба ғайр аз ин, бояд омӯзиш ва банақшагирии амалҳо дар вазъияти фавқулодда бо мақсади ба вуҷуд овардани расмиёти дахлдор ва тартиби эътино намудан ба вазъиятҳои муайян аз ҷониби кормандон, гузаронидан лозим аст, аз он ҷумла гузаштани омодагии дахлдорро аз тарафи кормандон таъмин намудан лозим аст.

**Маълумотномаи СММ оид ба танзими ҳодисаҳои маҳбасӣ:**
**«Дар нақшаи амал ҳангоми вазъияти фавқулодда бояд мушаххасоти аниқ, бо тавзеҳоти мушаххаси хусусият ва дараҷаи татбиқи қувваи иҷозатдодашуда оид ба эътино ба вазъияти фавқулодда зарур аст. Элементҳои калидии таркиби Нақшаи амал ҳангоми ВФ инҳо ба ҳисоб мераванд:**

- Тақсимнамоии функсияҳо, уҳдадориҳо ва сохтори тобеияти кормандони калидии маъмурияти маҳбас ва қувваҳо ва воситаҳои берунии ёридиҳанда (полис, хадамоти оташнишонӣ, хадамоти тиббӣ ва ғайра) бо таъмини амалҳои мувофиқашуда ва ҳамкории пурраи мутақобила;
- Гузаронидани омодагии муштарак ва таълим дар ҳамкорӣ бо полис ва дигар қувва ва воситаҳои дастгирикунанда;
- Тавзеҳоти мушаххаси ҷараёни эътинои самаранок ба ҳодисаи мушаххас;
- Ҳамкории коммуникатсионӣ (алоқа) байни маъмурияти маҳбас, қувва ва воситаҳои беруна то оғознамоӣ дар давра ва пас аз ВФ[21].

[17] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаҳои 38 ва 76.
[18] Andrew Coyle, 'Prisons and human dignity: are they compatible?' A paper delivered at the 6th worldwide conference of the International Prison Chaplains' Association, Stockholm, 21 августа 2010г., стр.8.
[19] Alison Liebling, 'Moral performance, inhuman and degrading treatment and prison pain', Punishment and Society 13, 2011г., стр.533.
[20] Ibid.
[21] СММ, Маълумотнома оид ба танзими ҳодисаҳои маҳбасӣ, 2013с., саҳ.32.

Барои ташкилоте, ки миниторинги муассисаҳои шакли пушидаро мегузаронанд муқаррарнамоии мавҷудияти протоколҳо/муқаррарот, инчунин бо кадом тарз онҳо иҷро карда мешаванд ва тавозуни байни масъалаҳои бехатарӣ ва шаъну шараф таъмин карда мешаванд, бисёр муҳим мебошад.

## 4. Қонунӣ, зарурӣ ва мутаносиб будани чораҳои бехатарӣ

Маҳдуднамоӣ ё таҷовузи дигар ба ҳуқуқи инсон метавонанд қонунӣ бошанд, вале онҳо бояд пурра ба се меъёри дар поён овардашуда, ки бо ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар шудаанд, мутобиқат намоянд.

- **Қонунӣ** – чораҳои андешидашуда бояд дар қонунҳо пешбинӣ шуда бошанд, мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон қабул шуда бошанд.
- **Зарурат** – андешидани чораҳои дигар бояд бесамарии худро дар таъмини бехатарӣ ва нигоҳдории тартибот нишон диҳанд.
- **Мутаносибӣ** – чораҳои андешидашуда барои расидан ба вазифаҳо оид ба нигоҳдории тартибот ва бехатарӣ бояд камтар интрузивӣ бошанд ва танҳо дар вақти истиноан ками вақт бошанд.

Вале дар моҳияти расмиёти таъмини бехатарии дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ татбиқшаванда, чунин принсипҳо бештар дар қонунҳо ва НПА пешбинӣ карда намешаванд ва дар таҷриба низ риоя карда намешаванд. Дар баробари ин, баъзе аз чораҳои бехатарӣ мунтазам дар асосӣ ҳодисаҳои эҳтимолии «номуайянӣ», на ин ки дар асоси аломатҳои мушаххаси зарурати онҳо татбиқ карда мешаванд ва ё дар асоси низом бе гузаронидани арзёбии инфиродии хавф татбиқ карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, дар моҳияти фишори ҷамъиятӣ ва «сиёсати пурзӯр нисбати ҷиноят» ҳудуди зарурат ва мутаносиби мумкин аст, ки ҳатто вайрон карда шавад.

Ба мақомоти мониторингкунанда зарур аст, ки муқаррароти мазкурро таҳлил намоянд ва сатҳи табиқшавандаи бехатариро дар ҷойҳои дахлдори нигоҳдорӣ дар ҳабс омӯзанд: онҳо чиро татбиқ менамоянд, бо кадом тарз боздоштшудагон/маҳбусон барои додани сатҳи муайяни бехатарӣ тасниф карда мешаванд. Дар баробари ин, ба онҳо зарур аст, ки маълумотро дар бораи он ки, кӣ қарорро дар бораи тақсимнамоӣ аз рӯи категория (тасниф) ва андешидани чораҳо оид ба бехатарӣ қабул менамояд, дархост намоянд, масалан, тафтиши шахсӣ, инструментҳои маҳдуднамоии озодӣ, истифодаи қувва ё маҳбаси инфиродӣ, ба кадом категорияҳо ин қарорҳо асос ёфтаанд, кӣ назоратро аз болои иҷрои онҳо амалӣ менамояд ва бо кадом шакл онҳо ҳуҷҷатгузорӣ карда мешаванд.

## 5. Муносибати ҷамъият ва моҳият иҷтимоӣ

Дар даҳсоли охир, дар бисёре аз давлатҳо ақида оид ба мавҷуд набудани бехатарӣ байни ҷомеа боз ҳам бештар паҳн шуда истодааст, зеро ҳама ба баландтар дарҷ намудани талабот оид ба сахтарнамоии чораҳои бехатарӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ оғоз намуданд.

Новобаста аз он, ки вазъият на ҳама вақт ҳақиқатро инъикос менамояд, масалан имрӯзҳо сатҳи ҷинояткорӣ дар бештари давлатҳои Ғарб паст рафта истодааст, вале аз тарафи дигар фишор ба тарафи қабули «чораҳои қатъӣ» дар мубориза бо ҷинояткорӣ баланд рафта истодааст. Гӯё, ки мубориза бо терроризм[22], муомилоти ғайриқонунии нашъа, ҷинояти муташаккилона[23], ҷиноятҳо ба муқобили кӯдакон ё аз тарафи кӯдакон содиршуда, махсусан инъикоси васеи парвандаҳои таъсиррасонанда дар ВАО, ба талабот оид ба васеънамоии ваколатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, зиёд намудани муҳлати нигоҳдорӣ дар маҳбас ва маҳдуднамоии ҳуқуқҳои боздоштшудагон оварда расонид. Ҳатто чунин талаботҳо ба монанди «бекор» кардани татбиқи шиканҷа низ мавҷуд буданд[24].

Комиссияи байниамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон боз як маротибаи дигар тасдиқ намуд, ки «чунин фазои тарс, ки дар он ВАО ва бесамтии сиёсӣ ғояеро пеш мебаранд, ки мутобиқи он дар ҳуқуқи инсон ин усули ҳифзи ҷинояткорон мебошад, оқибат метавонад ба сафедкунии муайяни ҷамъиятии шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шарафи инсонӣ оварда расонад. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки татбиқи шиканҷа, боздоштҳои худсарона, қонуни фишороваранда ва таҷриба самараи худро ба сифати чораҳои эътинонамоӣ ба талаботи асосноки шаҳрвандон оид ба таъмини бехатарии онҳо исбот накарданд»[25].

---

[22] Ниг. махсусан, Ассотсиатися оид ба пешгирии шиканҷа (APT), Defusing the ticking bomb scenario: why we must always say no to torture, always, 2007; Jean Maria Arrigo, 'A utilitarian argument against torture interrogation of terrorists,' Science and Engineering Ethics 10, 2004, pp543-572.

[23] See, for instance, a recent report on the situation in Mexico: 'In the name of the fight against crime': study of the torture phenomenon in Mexico. Available (in French) at http://unmondetortionnaire.com/IMG/pdf/Rapport_Mexique.pdf <accessed 17 October 2013>

Дар маҷмӯъ, ақидаи ҷамъиятӣ аз ҳама беҳтар ба вазъияти дар ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс баамаломада дар бепарвоӣ инъикос меёбад, аз ҳама бад бошад-ба он ақида, ки «ҷинояткорон» чунин муносибатро, ки барои онҳо лоиқ аст, мебинанд. Ақидаи ҷамъият дар он аст, ки онҳо бештар талаб менамоянд, ки усулҳои муносибат бо маҳбусон сахтар карда шавад, новобаста аз он далеле, ки маҳрум намудан аз озодӣ, алакай ҷазо ба ҳисоб меравад, ки он аз тарафи судҳо муайян карда мешавад ва набояд бо муносибати ғайриинсонӣ ва бераҳмона дар маҳбасҳо душвор карда шавад.

Чунин ақида он далелеро ба эътибор намегирад, ки дар бештари аз давлатҳо ҳиссаи назарраси маҳбусон дар тавқифгоҳҳои тафтишотӣ нигоҳ дошта мешаванд, қарори судро мунтазиранд, элементи эҳтимолияти бегуноҳӣ мавҷуд аст ва бештар вақт онҳо аз тарафи суд бегуноҳ эътироф карда мешаванд ва дар бештари давлатҳо ҳиссаи назарраси маҳбусон/боздоштшудагон барои намудҳои хурд ва ғайритаҷовузии ҷиноят «нишастаанд». Зиёда аз ин, таҳқиқот нишон медиҳанд, ки таъминнамоии шароити оқилонаи нигоҳдорӣ ва мақсаднок омоданамоии маҳбусон ба озоднамоӣ, таъсири бевоситаро ба ҳамоии иҷтимоии онҳо ва мутобиқан ба бехатарии аҳолӣ дар маҷмӯъ низ мерасонад[26]. Вале субъектони сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ бисёр кам ба муқобили чунин ақидаи ҷамъиятӣ баромад менамоянд[27].

[24] See ACAT France, Annual Report 2010, 'Les écrans de la torture' by Jean-Etienne Linarés, pp273-290.
[25] Комиссияи байниамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (IACHR), Гузориш дар бораи ҳуқуқҳои инсони шахсоне, ки дар Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд, 2011с., б.364.
[26] Ниг. самти УНП ООН, Дастурамали муқаддимавӣ оид ба масъалаҳои пешгирии residивизм ва ҳамоҳангсозии иҷтимоии ҳуқуқвайронкунандагон 2012с
[27] Истисно Гурҷистон ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷо пас аз ҳодисаи истифодаи шиканҷа дар моҳи сентябри соли 2012, авфи васеmиқёс эълон карда шуд ва стратегияи ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ ҷорӣ карда шуд.

# Омилҳои хавф, ки аз диққати аз ҳад зиёд нисбат ба масъалаҳои бехатарӣ бар меоянд.

Чораҳои бехатарии андешидашуда, қисми ҷудонопазири ҳақиқати ҳаррӯза барои маҳбусон, вақте ки онҳо остонаи муассисаи шакли пушидаро мегузаранд, вақте ки онҳо ба сайругашт мебароянд (машқҳои ҷисмонӣ) ё ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда мешаванд, бо кормандон дар муносибат мешаванд ё хешу ақрабо барои зиёрат меоянд, ба ҳисоб мераванд. Усулҳои идоранамоии бехатарӣ дар муассисаҳои шакли пӯшида ва таъсири он ба шаъну шарафи инсонии маҳбусон, вобаста аз муассиса фарқ карда мешавад ва метавонанд мавзуи арзёбии мушаххаси ташкилотҳои мониторингкунанда гарданд.

Ин фасл рӯйхати пурраро дар бораи он ки равишҳои татбиқшаванда оид ба таъмини бехатарӣ қобилияти расонидани таъсир ба шаъну шарафи инсонӣ дар маҳбасҳо доранд, намедиҳад, вале дар он кӯшиши ошкорнамоии баъзе аз таҷрибаҳои умумӣ ва чораҳои бехатариро, ки бо хавфҳои муайяни маҳдудкунандаи шаъну шарафи боздоштшудагон вобастаанд, карда истодаанд.

## 1. Идораҳое, ки барои муассисаҳои шакли пӯшида масъул аст

Хусусияти идорае, ки барои муассисаҳои шакли пӯшида масъул аст, таъсири бевоситаро ба масъалаи таъмини бехатарӣ дар онҳо мерасонад. Дар он ҳолатҳое, ки колонияҳои ислоҳӣ ва хадамоти пенитенсиарӣ дар идоранамоии Вазорати мудофиа қарор доранд, дар доираи фарҳанги ҳарбикунонидашудаи институтсионалӣ такя ба интизом ва бехатарӣ карда мешавад, маҳсубон бошанд ҳамчун душман баррасӣ карда мешаванд[28]. Аз ин рӯ, ин хавфи таъсири фарҳангро эътироф намуда, яке аз шартҳои воридгардӣ ба Шурои Аврупо барои собиқ давлатҳои шӯравӣ ин баровардани хадамоти пенитенсиарӣ аз идоранамоии ВКД ба Вазорати адлия ба ҳисоб мерафт

Аз ин рӯ, ин хавфи таъсири фарҳангро эътироф намуда, яке аз шартҳои воридгардӣ ба Шурои Аврупо барои собиқ давлатҳои шӯравӣ ин баровардани хадамоти пенитенсиарӣ аз идоранамоии ВКД ба Вазорати адлия ба ҳисоб мерафт[29]. Кумитаи СММ бар зидди шиканҷаи тавсияи ҳамшабеҳро баровард «иҷозат ба ғайриҳарбикунонии хадамоти пенитенсиарӣ»[30].

Тақсимнамоии функсияи тафтишот ва таъқиботи судӣ аз як тараф ва иҷро ва назорат аз болои муҷозоти ҷиноятӣ аз тарафи дигар омили муҳим ба самти «башардустӣ»-и низоми ислоҳӣ ва ҷазо ба ҳисоб мерафт. Қоидаҳои стандартҳои ҳадди ақали СММ оид ба муносибат бо маҳбусон ин арзёбиҳоро инъикос менамоянд ва кормандони касбии маъмурияти маҳбасҳоро, ки "вазъи хизматчии давлатиро дороанд даъват менамояд, ба онҳо мансаби доимиро кафолат диҳанд, танҳо бо шарти рафтори дахлдор, сараманок иҷро намудани ӯҳдадориҳо ва омодагии ҷисмонӣ»[31].

[28] Ниг. PRI/APT, Фарҳанги инсститутсионалӣ дар ҷойҳои маҳрумнамоӣ аз озодӣ: доираи мониторинги пешгирикунанда, нашриёти 2, 2015с.
[29] Мас., Ассамблеяи парламентии Шӯрои Аврупо, Ақидаи № 193 (1996) нисбат ба дархсоти Россия оид ба аъзогӣ ба Шӯрои Аврупо, б.7х, 25 январи 1996с.
[30] Кумита бар зидди шиканҷа (КЗШ), Эродҳои ниҳоӣ барои Қазоқистон, A/56/44(SUPPL), б.129(а).
[31] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақал, қоидаи 74 (3).

**Хадамоти нави пенитенсиарӣ дар Гондурас**

Моҳи декабри соли 2012 дар Гондурас Қонуни миллӣ «Дар бораи хадамоти пенитенсиарӣ» қабул карда шуд, ки он барои ҳал намудани масъалаҳои камбудии ташкилӣ ва сохториро дар низоми ислоҳи ҷазо дар давлат, махусан барои пурра намудани холигии қонунгузорӣ мусоидат намуд[32]. Зекумита оид ба пешгирии шиканҷа дар соли 2010 тавсия дод, ки Сиёсат оид ба муассисаҳои шакли пӯшида кабул карда шавад, ки он нақшаи ҳаматарафаро оид ба таъсиси сохтори мухтори аз полис вобастанабуда дар бар мегирифт ва қобилияти иҷро намудани функсияҳо ва вазифаҳо мебуд ва моҳияти аввалиндараҷаи ҳаётӣ барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда мебуд[33]. Новобаста аз он ки Хадамоти ислоҳи ҷазои давлат дар идоранамоии полиси миллӣ қарор дошт, ислоҳотҳо барои таъсис додани муассисаи мухтор-Мақомоти миллии пенитенсиарӣ, ки бо Вазорати корҳои дохилӣ ва парвандаҳои шаҳрвандӣ вобаста аст, кӯмак расонид, инчунин ба таъсис додани мансабҳои нави касбии махсусгардонидашуда дар низоми хизмати давлатӣ барои кормандон ва муҳофизони маҳбасҳо мусоидат намуд.

Албатта идоранамоии муассисаҳои шакли пӯшида малакаҳои махсусро талаб менамояд, ки аз фаъолияти полис гирифта шудаанд ва таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ҳолати додани чунин функсияҳо ба мақомоти судӣ, на ба полис, тавонбахшии ҷинояткорон имконияти бештарро барои муваффақият доро мебошанд. Ҳамин тавр, назорати граждани аз тарафи Вазорати адлия бештар қобили қабул мебошад ва ба мақсадҳои тавобахшии маҳрумнамоӣ аз озодӣ мутобиқат менамояд ва барои таъмини ҳуқуқи инсони маҳбусон зарур мебошад[34].

**Қазоқистон: супориши дучандаи ваколат**

Дар соли 2001 Қазоқистон ба Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа Гузоришро бо маълумот оид  ба супоридани Хадамоти иҷрои ҷазо ба идоранамоии Вазорати адлия, ба сифати яке аз муваффақиятҳои асосӣ дар доираи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии дар ҳамон лаҳза дар давлат гузаронидашаванда пешниҳод намуд. Дар эродҳои ниҳоӣ, ки 17 майи соли 2001 гирифта шуданд, Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа ба Қазоқистон тавсия дод, ки "супориши масъулият барои маҳбасҳоро аз Вазорати корҳои дохилӣ ба Вазорати адлия анҷом диҳад ва бо ин ғайриҳарбикунонии низоми пенитенсиарӣ таъмин карда шавад»[35].

Масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, ки аз тарафи ташкилотҳои мониторингкунанда то он вақт бардошта шуда буданд, асосан ба муассисаҳои Вазорати корҳои дохилӣ, аз он ҷмула камера-картсерҳои яккаса ва камераҳои намуди умумии ИВС дахл дошт. Пас аз додан дар соли 2002, шумораи аҳолии маҳбас кам гардид Қазоқистон дар рейтинги глобалӣ оид ба шумораи аҳолии маҳбас дар соли 2001 ҷои 3-юмро ишғол менамуд, дар соли 2010 ба ҷои 22-юм баромад (яъне ба тарафи камшавӣ). Назорат ҷамъиятӣ аз болои маҳбасҳои пурзӯр шуд, аз он ҷумла пешравии назаррас дар ҳалли масъалаи паҳншавии бемории сил дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ ба даст оварда шуд.

Вале, 26 июли соли 2011, Қазоқистон тағйирёбии зертобеиятро дар асоси Фармони Президент «Дар бораи низоми пенитенсиарӣ» бекор кард.

---

[32] Ниг. Тавсияи Зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа (КЗШ) аз рӯи натиҷаҳои боздид аз Гондурас, 20 сентябри 2009 сол, CAT/OP/HDN/1, б. 212с.
[33] Гузориши Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа (ЗОШ) аз рӯи натиҷаҳои боздид аз Гондурас, 10 феврали 2010 с. CAT/OP/HND/1.
[34] Ниг. PRI/APT, Фарҳанги институтсионалӣ дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ:доираи мониторинги пешгирикунанда, нашриёти 2, 2015с.
[35] Кумитаи зидди шиканҷа (КЗШ), Эродҳои ниҳоӣ ба Қазоқистон, 17 майи  2011с., A/56/44(SUPPL)

Ташкилоти мониторингкунанда бояд муқаррар намоянд, ки оё метавонанд ва то ба кадом дараҷа фарҳанги ин ё он вазорати барои муассисаҳои шакли пӯшида масъул, сохтори иерархии он, омодагӣ ва шакли кормандон метавонанд таъсирро ба усули муносибат бо маҳбусон ва чораҳои андешидашудаи бехатарӣ расонанд. Ҳангоми ҳамкории мутақобила бо маъмурияти маҳбас, инчунин бо роҳбарияти хадамоти ислоҳи ҷазо, такшилоти мониторингкунанда бояд диққати махсусро ба масъалаҳои ҳифзи тартибот ва таҳқиқи дилхоҳ ҳуқуқвайронкунӣ ҷудо намоянд. Ба онҳо инчунин зарур аст, ки принсипи эҳтимолияти бегуноҳии таҳти тафтишот қарордоштагон ва афзалияти тавонбахшӣ, на ин ки ҷазодиҳии низоми пенитенсиариро дарҷ намоянд.

## 2. «Таснифи аз ҳад зиёд»

Тақрибан дар низоми маҳбасии тамоми давлатҳо тансифоти муайян татбиқ карда мешавад. Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали татҷдидшудаи СММ оид ба муносибат бо маҳбусон ду мақсади таснифнамоиро ҷудон менамояд: якум-ҷудонамоии маҳбусон аз онҳое, ки бо сабаби гузаштаи ҷиноятии худ ё хусусияти табии худ таҳдиди расонидани таъсири бадро дорад. Дуюм-ҷудонамоии маҳбусон ба категорияҳое, ки барои баргардонидан ба ҳаёт ба ҷамъият кор намудан бо онҳоро сабук мегардонад. Чун қоида сухан инчунин дар бораи он меравад: «Корро бо категорияҳои гунонгуни маҳбусон бояд аз рӯи имконият дар муассисаҳои маҳбасии гуногун ё дар шуъбаҳои гуногуни ҳамон як муассисаи маҳбасӣ бурдан лозим аст». Ҳисоботҳо оид ба баҳогузории ибтидоӣ ва таснифотҳо бояд да низоми кор бо парвандаҳои шахсии маҳбусон ворид карда шавад[37].

Бо дарназардошти гуногуншаклии аҳолии маҳбас, арзёбии якхелаи бехатарӣ нисбат ба ҳамаи маҳбусон дар доираи як муассиса ғайриимкон аст. Равиши ягонаи нисбати ҳама татбиқшаванда, ба баландбардории бехатарии муассисаи шакли пӯшида ва мақсади тавонбахшии маҳбусон мусоидат намекунад. Таснифи инфиродии маҳбусон бояд дар мӯҳлатҳои кутоҳтарин пас аз омадан гузаронида шавад. Вале, низом таснифнамоӣ бояд мулоимтар бошад, то ки ба кормандон имконияти мутобиқшавӣ ба вазъияти тағйирёбанда дода шавад. Ҳангоми таснифнамоӣ аз татбиқ намудани низоми махсусан сахт нисбати маҳбуси нав аз рӯи принсипи “ба ҳар ҳол” худдорӣ карда шавад.

Эҳтмолан, дар ҳар як давлат шумораи на он қадар калони маҳбусон мавҷуданд, ки онҳо ҳамчун шахсоне, ки қобилияти расонидани хавфи калони бехатардошта баррасӣ карда мешаванд ва нисбати онҳо мумкин аст, ки шартҳои махсуси нигоҳдорӣ талаб карда шавад. Мумкин аст, ки маҳз ба ҳамин маҳбусон нигоҳдорӣ дар сохтори алоҳида бо низоми махсуси бехатарӣ лозим бошад, ки дар он дилхоҳ ҳаракати онҳо ва фаъолият қатъиян маҳдуд карда мешаванд.

Вале, бештар маҳбусон дар қисмати хавфе, ки онҳо ба вуҷуд меоранд, аз ҳад зиёд баҳогузорӣ карда мешаванд («таснифи аз ҳад зиёд») ва онҳо таҳти низоми сахтар назар ба низмои зарурии он нигоҳ дошта мешаванд. Баъзан таснифот ба хусусияти ҷинояти содиркарда асос меёбад, он фардӣ карда нашудааст ва фаъолияти гузаштаи ҷиноятӣ ва дигар омилҳоро ба назар мегирад. Махсусан, маҳбусоне, ки ба ҳукми қатл маҳкум шудаанд ва шахсоне, ки ҷазоро дар шакли якумра адо мекунанд, бештар дар шароитҳои сахттар нигоҳ дошта мешаванд, ин танҳо дар хусусияти ҳукм асос ёфтааст, на ин ки ба хатаре, ки онҳо метавонанд дар ҳақиқат нисбат ба дигар маҳбусон ё кормандон ба вуҷуд оранд.

Ҳангоми баҳогузории хавфҳо, эҳтиёҷоти маҳбусон бештар нодуруст ҳамчун «омили хавф» қабул карда мешаванд. Маҳбусе, ки дорои аломати рӯҳафтодагӣ ва ё дигар масъалаи ба саломати вобастабуда, нишон медиҳад, метавонад ҳамчун бавуҷудорандаи хавфи калон тасниф карда шавад ва дар навбати худ метавонад ба ҷудонамоии бештар гирифтор карда шавад. Ба ҷои ин, масъалаҳои саломатии рӯҳӣ қабули барномаҳои маҷмуӣ ва нигоҳдорӣ дар шароитҳои бештар мусоидро талаб менамояд.

Дар баъзе аз тобеияти ҳуқуқӣ мақомоти давлатӣ бо масъалаи маҳдудияти интихоби ҷои нигоҳдорӣ дар маҳбасҳо рӯ ба рӯ мешаванд, аз ин рӯ, маҳбусон/боздоштшудагоне, ки таҳдиди камтарро ба вуҷуд меоранд, дар қисмати хавфи аз тарафи онҳо ба вуҷудоранда, бо сабаби аз ҳад зиёд пур будани ин муассисаи шакли пӯшида ё ҷойгиршавӣ аз хонаҳои худ, оила ва дустон дур, ҳамчун «таснифи аз ҳад зиёд» баҳогузорӣ карда мешаванд.

Бо дарназардошти сатҳи нисбатан пастари хавфе, ки онҳо ба вуҷуд меоранд, баъзе аз давлатҳо механизми тақсимнамоӣ аз рӯи категорияро ҷорӣ намудаанд,

[36] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаҳои 93 ва 94
[37] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 8 (b)

ба монанди колонияҳои ислоҳӣ барои занон, барои кӯдакони синни то 18 сола ё ҳуқуқвайронкунандагони ҷавони болиғ. Новобаста аз ин, дар дигар давлатҳо, чун қоида занон «аз ҳад зиёд тасниф карда мешаванд» ва дар низомҳои махсусан сахти номусоид нигоҳ дошта мешаванд.

### Табъиз нисбати занон ҳангоми таснифнамоӣ

Дар Тайланд мутобиқи гузориш аз соли 2013, дар баъзе маҳбасҳои мардона, аз рӯи маълумот, якчанд занони маҳбус дар сохтори алоҳида нигоҳ дошта мешуданд. Барои таснифи маҳбусон танҳо як корманди ҷинси мард масъул буд, ки аз барои вай занон ҳангоми муносибат бо муҳофизи ҷинси мард бештар ба нороҳатии муайян гирифтор мешуданд[38].

Дар соли 2012, Комиссияи Австралия оид ба ҳуқуқи инсон хабар дод, ки бо сабаби мавҷуд набудани шумори кофии маҳбасҳои занона, занони маҳбус дар маҳбасҳои дорои низоми махсусан сахт якҷо бо мардони маҳбус нигоҳ дошта мешаванд, ки он мутобиқан ба баланд бардоштани хавфи суистифода оварда мерасонад[39].

Дар соли 2007, УНП ООН хабар дод, ки дар Афғонистон усули таснифнамоии ягона ҳам барои мардон ва ҳам барои занон татбиқ карда мешавад. Маълумот дар бораи ҳодисаҳои таҷовузи маишӣ, таҳқирнамоии шаҳвонӣ ва масъулияти падару модар баррасӣ карда намешавад ва ба қайд низ гирифта намешавад ва мутобиқан дар муқаррарот маълумот барои гузаронидани таснифи оқилонаи занони маҳбус зарурӣ, мавҷуд набуд[40].

Мавҷудияти низоми дахлдори таснифнамоӣ барои тақсимнамоии маҳбусон дар асоси меъёрҳои мушаххаси муайяншуда зарур аст, масалан танҳо бо сабаби вазнинии ҷинояти содиршуда[41] ё мунтазам нишон додани рафтори хатарнок ва муносибате, ки таҳдиди ҷиддиро ба кормандон ё дигар боздоштшудагон ба вуҷуд меорад.

Қарор дар бораи ҷойгирнамоии маҳбусон дар низоми сахттар бояд танҳо пас аз баҳогузорӣ ва хулосабарории амиқ ва таҷдидшуда, ки барои бартараф намудани ин хатар усули дигар вуҷуд надорад, қабул намудан мумкин аст. Вай бояд ба худ таҳлили мушаххаси ҳуқуқвайронкунии охирини содирнамудаи маҳбус, табиати он, вазнинӣ, навъбандии ҷиноятҳои гузашта ва муҷозоти интизомӣ, кӯшиши фирор намудан ва дигар ҳодисаҳоро дар бар гирад. Ҳангоми қабул намудани қарор инчунин омилҳои шахсӣ ва вазъиятӣ ба монанди сину сол, ҷинс, осебпазирӣ, дастгирии оилавӣ ва ҷамъиятро низ ба назар гирифтан лозим аст. Ҳангоми баҳогузорӣ намудани хавф бояд маълумоти беҳтарини дастрас, ки аз ҳуҷҷатҳо ва суҳбатҳо ба даст оварда шудааст, истифода бурда шавад ва таъмин намудан лозим аст, то ки қарор бе маҳдуднамоии меъёрҳои фарҳангӣ, гендерӣ ва иҷтимоӣ қабул карда шавад.

Инстурментҳои баҳогузории хавф бояд барои коркарди нақшаи фардикунонидашудаи иҷрои ҷазо татбиқ карда шавад ва давра ба давра таҷдиди назар карда шавад, то ки баҳогузории такрории серҳаракати хавфи аз тарафи маҳбус ба вуҷудоранда гузаронида шавад. Қарор бояд ба таври дахлдор ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад, то ки имконияти назорати самаранок дар оянда ба вуҷуд ояд. Тавсияҳои аз тарафи Шӯрои Аврупо нисбат ба маҳбусони хатар бавуҷудоранда таҳияшуда, минбаъд тахмин менамоянд, ки баҳогузории дараҷаи хавф бояд бо имкониятҳои ҳуқуқвайронкунандагон алоқаманд бошанд, эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонанд ва муносибат ва рафторро тағйир диҳанд, инчунин дар ҷараёни баҳогузорӣ иштирок намоянд. Дар тавсияи дигар зарурати тафриқагузорӣ байни хавфе, ки ҳуқуқвайронкунанда барои ҷамъияти беруна ба вуҷуд меорад ва хавфе, ки дар дохили маҳбас аст, дарҷ карда мешавад[42].

---

[38] УНПООН, Ҷаласаи минтақавии Осиёи Шарқи ва Укёнуси ором оид ба амалинамоии Қоидаҳои Банкок, Бангкок, 19–21 феврали 2013 сол (East-Asia Pacific Regional Meeting on the Implementation of the Bangkok Rules) , UNODC/JSDO/BKEGM/2013/1, 14 марти 2013с., б.39, 47.

[39] Комиссияи Австралия оид ба ҳуқуқи инсон, Australian Study Tour Report, Боздиди Гузоришгари вежаи СММ оид ба зӯроварӣ нисбат ба занон, 10-20 Апрели 2012с., саҳ.4.

[40] Tomris Atabay/UNODC, Афғонистон: занони маҳбус ва якҷояшавии иҷтимоии онҳо (Afghanistan: female prisoners and their social reintegration), марти 2007 с., саҳ.74.

[41] Вале, ҷойгирнамоӣ дар камера бояд на танҳо ба хусусияти ҳукми маҳбус асос ёбад, балки ба баҳогузории хавфи инфиродӣ низ, ниг., Масалан, ҳисоботи Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа (КАОШ) аз рӯи натиҷаҳои боздид аз Сербия дар соли 2011, CPT/Inf (2012) 17, саҳ. 32.

[42] Тавсияи CM/Rec(2014) 3 Кумитаи вазирони давлатҳои иштирокчӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагони хатарнок, ки аз тарафи Кумитаи вазирон 19 феврали соли 2014, дар ҷаласаи 1192 муовнинони вазирон қабул карда шудааст.

Нисбати занони маҳбус дар Қоидаҳои Банкоки СММ талабот оид ба он ки, маъмурияти маҳбас бояд усулҳои таснифнамоиро бо дарназардошти эҳтиёҷоти махсус ва вазъияти занони маҳбус, ки бо омилҳои гендерӣ шартгузорӣ шудаанд, таҳия ва ҷорӣ намояд, то ки банақшагирии дахлдори инифродӣ ва амалинамоии корҳо оид ба офиятбахшӣ ва якҷояшавии ин маҳбусон дар ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин карда шавад[43].

## 3. Воситаҳои оромкунанда

Барои нигоҳдории тартибот ва бехатарӣ, мақомоти барои ҷойҳои маҳрум аз озодӣ масъул метавонанд ба истифодаи оромнамоии ҷисмонӣ даст зананд: завлонаи даст, завлонаи пой, тасма ё либоси оромкунанда ё электрошокерҳо.

Вале баъзе аз воситаҳои оромкунанда бо ҳуқуқи байналмилалӣ манъ карда шудаанд. Манъ ба истифодаи воситаҳое, ки онҳо “аз рӯи табиаташон пастзанандаи шаъну шараф ё асоратовар мебошанд”, масалан истифодаи занҷирҳо ё дарзмол, электрошокерҳои ба бадан пайвастшуда, аз манъи шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф бар меоянд. Муқаррароти мазкур инчунин дар Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда низ (2015с.) пешбинӣ шудаанд.[44]

Тасмаҳои электрошокери ба бадан пушидашуда, остинҳо ва завлонаҳое, ки қисмҳои бадани субъекти шиканҷашаванда пушонида мешаванд (одатан ба миён баста мешаванд, вале вариантҳои дар даст ва пойҳо басташаванданда низ коркар карда шудаанд) ва қувваи барқро тавассути тугмаҷаҳои идоракунандаи фосилавӣ мефиристонанд. Исбот карда шудааст, ки онҳо дард ва азоби рӯҳиро тибқи хусусияти худ мерасонанд, аз он ҷумла таъсири ғайриинсонӣ  ва пастзананда мерасонанд. Мутобиқан чунин чораҳо бештар таҳти муҳокима қарор дода мешаванд. Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа тавсия дод, ки аз истифодаи тасмаҳои электрошокерӣ ва курсиҳои оромкунанда, ҳамчун оромнамоии шахсони дар ҳабс нигоҳдошташаванда даст кашида шавад, зеро истифодаи онҳо бештар моддаи 16 Конвенсияи зидди шиканҷаро вайрон менамояд[45]. Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа (КАПШ) бар зидди истифоданамоии тасмаҳои электрошокерӣ барои назорат аз болои ҳаракати боздоштшудагон ҳам дар дохил ва ҳам берун аз ҷойҳои маҳрум аз озодӣ баромад менамояд[46].

ИИстифодаи дигар воситаҳои ҷисмонии оромнамоӣ танҳо дар он ҳолат иҷозат дода мешавад, ки агар он қонунӣ, зарурӣ ва мутаносиб бошад[47].  Онҳо танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ истифода бурдан мумкин аст, яъне вақте ки дигар чораҳои назорат бетаъсир мегарданд, вақте ки ба маҳбус барои дахолат кардан барои расонидан зарар ба худ ва дигарон зарур аст  ё барои пешгирӣ намудани фирор ҳангоми интиқол дар муҳлати зарурии вақт, зарур бошад. Дар он ҳолатҳое, ки истифодаи воситаҳои оромкунанда бо қонун иҷозат дода шудааст, онҳо бояд танҳо дар он ҳолатҳо истифода шаванд, ки агар шаклҳои сабуктари назорат барои бартарафнамоии хавфҳо вобаста ба ҳаракати бе ягон маҳдудият бетаъсир гарданд ва усули оромнамоӣ бояд назар ба он чизе ки зарур аст ва оқилона қобили қабул аст, сабуктар бошад[48].

Оромнамоӣ набояд шаъну шарафро маҳрум ё паст занад ва бояд чунин воситаҳо ҳангоми паст гардидани хавф ба охир расонида шавад/бекор карда шавад. Дар ягон ҳолат онҳо ба сифати муҷозоти интизом[49]  наметавонанд истифода шаванд ва чун қоида воситаи ғайриоқилонаи пешгирии худкушӣ ё маъюб кардани узви бадан дар байни маҳбусон ба ҳисоб мераванд. Он чораҳое афзалтар ҳисобида мешаванд, ки онҳо назорати мунтазамро аз болои чунин маҳбусон ва расонидани кумаки равонӣ, аз он ҷумла чорабиниҳои мақсаднокро пешбинӣ менамоянд. Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда усулҳои назоратро ҳавасманд мегардонад, зарурати истифодаи воситаҳои оромкунандаро бартараф менамоянд ё табиати дурушти онҳоро паст менамоянд[50].

[43] Қоидаҳои 40 ва 41, Қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо занони маҳбус ва чораҳои бо нигоҳдорӣ дар ҳабс алоқаманд нестанд, барои занони ҳуқуқвайронкунанда (Қоидаҳои Банкок), ки аз тарафи Маҷмааи Умумии СММ 21 декабри соли 2010 қабул карда шудаанд, A/RES/65/229.
[44] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 47 (1).
[45] Кумитаи зидди ишканҷа, масалан Эродҳои ниҳоӣ барои Иёлоти Муттаҳидаи Америка, A/55/44, майи 2000 с., б. 180с.
[46] Маърӯзаи 20-уми Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа (КАПШ), б.74, КЗШ (2011) Стандартҳои КЗШ CPT/Inf/E (2002) 1 – Rev. 2011.
[47] Кодекси рафтори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки бо Қатъномаи Маҷмааи Умумми СММ 34/169 аз 17 декабри 1979 қабул шудааст, Моддаи 3.
[48] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақал, Қоидаи 47, Қоидаҳои 47 (2) ва 48; Принсипи 9, Принсипҳои асосии татибқнамоии қувва ва силоҳиоташфишон аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.
[49] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 43(2).
[50] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 49.

### Пастнамоии дараҷаи татбиқи завлонаҳо дар Тайланд

Дар моҳи майи соли 2013, Ҳукумати Тайланд эълон намуд, ки ба таҷрибаи татбиқи завлонаҳо барои ҳамаи маҳбусони ба ҳукми қатл маҳкумшуда дар маҳбаси дорои низоми махсусан сахти Бангванг дар Тайланд, дар музофоти Нонтабурӣ анҷом дода шавад. Маҳбусони ба ҳукми қатл маҳкумшуда бояд бо завлонаҳо дорои вазнинии 5 кг дар муҳлати 24 соат дар якшабонарӯз, аз он ҷумла дар вақти хоб, шустушӯ, хӯроkхӯрӣ ё ибодат мегаштанд. Дар рӯзи эълон оид ба бекор кардани завлонаҳо яке аз муҳкумон гуфт: «Маҳбусон-ҳайвон нестанд. Онҳо набояд барои ҷиноят завлона зада шаванд. Онҳо алакай бо он ҷазо дода шудаанд, ки дар маҳбас қарор доранд». Дар дигар маҳбасҳои Тайланд маҳбусон ҳангоми омадан ё ба сифати чораи ҷазо метавонанд завлона зада шаванд. Ҳукумат дар бораи нақшаи бекорнамоии завлонаҳо дар тамоми маҳбасҳои Тайланд эълон намуда[51].

Мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ, истифодаи чораҳои оромкунанда нисбати ноболиғон қатъиян маҳдуд карда шудааст ва дар ҳолатҳои истиноӣ ва мушаххас иҷозат дода мешаванд. Воситаҳои оромкунанда ҳеҷ вақт нисбат ба занон ҳангоми дарди таваллуд, ҳангоми таваллуд ва фавран пас аз таваллуб татбиқ карда намешаванд[53].

Мавҷудияти муқаррароти мушаххас, ки хусусиятҳои болозикрро тавзеҳ медиҳанд, аз он ҷумла ҳолатҳои ба таври қатъӣ муқарраргардида истифодаи онҳо зарур аст. Татбиқнамоии чораҳои оромкунанда бояд бо иҷозати директор амалӣ карда шавад ва сабт карда шавад.

Ба истифодаи воситаҳои оромкунанда дар вазъияти муқаррарӣ зарурат надорад, танҳо дар ҳолатҳои муайян, пас аз гузаронидани баҳогузории инфиродии хавф, истифода бурдан мумкин аст. Аз ин рӯ, бо усули кӯҳна истифода намудани завлонаҳо нисбати ҳамаи маҳбусон ҳангоми ҳаракат, берун аз камераҳо ва дар ҳудуди маҳбас, аз нуқтаи назари бехатарӣ номувофиқ ба ҳисоб меравад. Ҳатто дар он вақтҳое, ки истифодаи воситаҳои оромкунанда дар вазъиятҳои мушаххас зарур ва мутаносиб ба ҳисоб меравад, тарзи истифоданамои онҳо метавонанд сабабро барои ба ташвиш афтодан ба вуҷуд оваранд, масалан агар завлонаҳо барқасдона чунон баста шудаанд, ки онҳо ба боздоштшуда/маҳбус дард мерасонад.

### Истифодаи завлонаҳо дар Малдивҳо

«Ҳайат инчунин бо маълумоте шинос карда шуд, махсусан дар бораи истифодаи завлонаҳо бо мақсади ҷазо додан ва назорат аз болои маҳбусон то ба он дараҷае, ки онҳоро паст мезанад ва дард мерасонад. Ҳайат инчунин ташвиши худро нисбати тасдиқи татбиқи воситаҳои оромкунанда ҳангоми ҳодисаҳо ба сифати чораҳои таъминкунандаи бехатарӣ изҳор намуд. КЗШ диққатро ба он ҷалб менамояд, ки интизом ва тартибот бояд бе ҷорӣ намудани ягон маҳдудият, ба истисноии онҳое, ки ҳамчун зарурӣ тибқи тартиби чораҳои пешгирикунанда ва барои фаъолияти муташаккили маҳбас пешбинӣ шудааст, нигоҳ дошта шавад. Ба сифати ҷазодиҳӣ ҳеҷ вақт истифода намудани чунин воситаҳои оромкунанда, ба монанди завлонаҳо зарурат надорад. КЗШ тавсия медиҳад, ки фавран таҷрибаи истифодаи завлонаҳо ба сифати воситаҳои ҷазодиҳӣ қатъ карда шавад». (Маърӯза аз натиҷаи боздиди миссияи Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷаи дар ҷазираҳои Малдив, CAT/ OP/MDV/1, 26 феврали 2009 с., б.207)

Ба ташкилотҳои мониторингкунанда зарур аст, ки баҳогузорӣ намоянд, ки оё ягон муқаррарот ва расмиёти муқарраркунандаи ҳолат барои истифодаи воситаҳои оромкунанда вуҷуд дорад ва чи гуна кафолатҳо бар зидди суистифода вуҷуд доранд. Ба онҳо зарур аст муқаррар намоянд, ки оё манъи бевосита ба истифодаи воситаҳои оромкунанда, ки мутобиқи ҳуқуқи байналмиаллӣ манъ карда шудааст, амал мекунанд ва оё воситаҳои маҳдудкунанда дар мутобиқати қатъӣ бо принсипҳои зарурат ва мутаносибӣ, на ин ки дар асоси мунтазамӣ, татбиқ карда мешавад. Ба ташкилотҳои мониторингкунанда инчунин зарур аст муқаррар намоянд: оё масъалаи истифодаи воситаҳои оромкунанда ба барномаи омоданамоӣ барои кормандон пас аз таъминнамоӣ ба мансаб ва омузиш бе ҷудонамоӣ аз хизмат, инчунин усулҳои идоранамоӣ, ки барои пешгирӣ намудани истифодаи чунин воситаҳо, аз он ҷумла усули бартарафнамоӣ ва худдорӣ, малакаи бурдани гуфтушунидҳо ва медиатсия, ворид карда шудаанд[54].

---

[51] Ниг. ‘The story of a lese majeste prisoner’, Bangkok Post, 21 июли 2013, http://m.bangkokpost.com/opinion/360858 and ‘Thailand starts phasing out shackles in prisons’, BBC News, 16 May 2013, http://www.bbc.co.uk/news/world-asia-22555030 <accessed 23 September 2013>

[52] Моддаи 64, қоидаҳои СММ оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда.

[53] Қоидаи 24, Қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо занони маҳбус ва чораҳое, ки бо ингоҳдорӣ дар ҳабс барои занони ҳуқуқвайронкунанда вобаста нестанд (Қоидаҳои Бангкок), ниг. Инчунин, Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда 48(2).

[54] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақал, қоидаҳои 49 ва 76.

## 4. Тафтиши шахсӣ

Намудҳои гуногуни тафтиш ба сифати воситаҳои зарурӣ ва қонунӣ оид ба роҳ надодан ба дастрасӣ ба ашёҳои хатарнок ё манъшуда ва ё ба моддаҳои дар байни маҳбусон мавҷудбуда, ки метавонанд ба бехатарӣ ва саломатии кормандон, инчунин дигар маҳбусон ва боздидкунандагони таҳдид намояд, баромад менамоянд.

Вале, гузаронидани тафтиши кӯҳна, номутаносиб, пастзананда ё табъизӣ шаъну шарафи маҳбусонро маҳдуд менамоянд ва метавонанд ба муносибати ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шараф баробар карда шаванд. Инчунин, хатари он мавҷуд аст, ки тафтишҳои шахсӣ ё тафтишҳо дар камераҳо ба сифати қасд гирифтан ё воситаҳои тарсонидан нисбати баъзе аз боздоштшудагон/маҳбусон гузаронида мешаванд.

Одатан, тафтишҳои шахсӣ ҳангоми омадан, пеш ва ё пас аз вохӯрии ҷисмонӣ бо хешовандон ё ҳатто намояндагони қонунӣ[55], ҳангоми ҳаракат дар ПКТ ё пас аз тарбияи ҷисмонӣ, омӯзишҳои таълимӣ ва пас аз хӯрокхӯрӣ дар ошхона, гузаронида мешаванд.

Вале, бештар вақт муқаррароте, ки пурра тартиби гузаронидани тафтишотро ба танзим медароранд, вуҷуд надорад ва дар бештари аз маҳбасҳо кормандон барои гузаронидани тафтиши шахсӣ, тафтиш дар камераҳо ва лавозимоти маҳбусон дар дилхоҳ вақт соҳбиихтиёр мебошанд.

Намдуҳои гуногуни тафтиши шахсӣ вуҷуд дорад. Аслан тафтиши шахсӣ, тафтиш ҳангоми боздоштшавӣ ё тафтиши ибтидоии боздоштшуда ин даст-даст кардан ё бо кафи даст задани тамоми сатҳи болоии либоси шахс аз тарафи корманд-мард/корманд-зан мебошад. Кормандони маҳбас метавонанд аз маҳбус кашидани пойафзол ва баровардани киссаҳоро талаб намоянд, инчунин тафтишро бо таҳқиқи ковокии даҳон, бинӣ, гӯшҳо ва муйсар гузаронанд. Дар фарқият аз ин, тафтиши пурраи шахсӣ ё тафтиш бо либоскашии пурра ин пурра кашидани либос, аз сари нав пӯшонидани як қисм ва ё тамоми либос ба ҳисоб меравад, то ки таҳқиқи визуалии минтақаҳои маҳрами бадан бе тамоси ҷисмонӣ амалӣ карда шавад. Ва дар охир тафтиши интрузивӣ (шаҳвонӣ) ташхиси ҷисмонии узвҳои таносул ё минтақаи анали маҳбусро дар бар мегирад.

Эътирофи васеии таъсири пастзананда ва маҷрӯҳкунандаро тафтишоти инвазивии баданӣ касб намудааст, махсусан, бо пурра кашидани либос ва тафтиши ковокиҳои бадан. Вобаста ба занон Гузоришгари вежа оид ба масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон чунин тавсиф намуд: «Дастрасонии ношоиста дар вақти тафтишҳои аз тарафи кормандони ҷинси марди маҳбасҳо гузаронидашаванда ин «ҳаракати зӯроварии шаҳвонӣ» ба ҳисоб меравад»[56].

Дар Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, бори аввал тартиби гузаронидани тафтиши маҳбусон ва тафтиш дар камераҳо, аз он ҷумла тафтиши боздидкунандагон пешбинӣ шудааст[57].
То он дараҷае, ки ин имконпазир аст, ба маъмурияти маҳбас тавсия дода мешавад, ки усулҳои алтернативии гузаронидани тафтишҳоро таҳия ва истифода намояд, масалан ба монанди низоми сканнамоӣ ва металлодетекторҳо, ки ба шакли интрузиви тафтишҳо алоқаманд нестанд ва ба кормандон тавсия дода мешавад, ки гузаштани омодагии дахлдор таъмин карда шавад[58].

### Тафтишот бо пурра кашидани либосҳои занони маҳбус дар маҳбасҳои Австралия

В 2012 г., Специальный докладчик ООН по Дар соли 2012, гузоришгари вежаи СММ оид ба масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон қайд намуд, ки дар бештари аз маҳбасҳои Австралия талаб карда мешавад, ки занон шакли тафтиши шиддатноки интрузивӣ ва бештар вақт ҷароҳатдиҳандаро бо пурра кашидани либосҳо гузаранд. Зани маҳбус аз маҳбаси Фарлеа хабар дод, ки «Моро пас аз ҳар як вохӯрӣ тафтиш менамоянд. Мо бараҳна меистем, ба мо фармон медиҳанд, ки ба пеш хам шуда, кафи пойҳоямонро дорем ва суринҳоро ба ду тараф ҷудо намоем. Вақте ки ба мо «бемории занона» рӯй диҳад ҳам, мо бояд тампонҳоро барорем. Ин бисёр ҳақирона ва таҳқиркунанда мебошад. Вақте ки аз мо талаб карда мешавад, ки мо пешоб намоем, расмиёт боз бадтар мебошад, зеро мо бояд дар шишаҳо, дар баробари ин дар назди онҳо «пешоб» намоем. Агар мо рад намоем ё нахоҳем, пас ба мо вохӯриро ба муҳлати се ҳафта манъ менамоянд[59].

[55] Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳокимиятҳо-мутобиқан мақомоти мониторингкунанда-бояд на танҳоро хавфи онро ки, оилаҳо ашёҳои манъшударо ихтиёран мегузаронанд, балки он вазъиятеро, ки онҳо маҷбуранд ин корро таҳти фишори дигар оилаҳои маҳбусон ё гуруҳҳои роҳзани ҷиноятб берун аз девори ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс кунанд, ба назар гиранд.
[56] Гузориши Гузоришгари вежа оид ба зӯроварӣ нисбат ба занон аз рӯи натиҷаи миссия дар ИМА вобаста ба зӯроварӣ нисбат ба занон дар маҳбасҳои давлатӣ ва федералӣ, 4 январи 1999 сол, E/CN.4/1999/68/Add.2, б.55, 58.
[57] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қодаҳои 51-53 (маҳбусон) ва Қоидаи 60 (боздидкунандагон).
[58] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаҳои 51-53 (маҳбусон) ва Қоидаи 60 (боздидкунандагон).
[59] Комиссияи Австралия оид ба ҳуқуқи инсон, Australian Study Tour Report, Боздиди Гузоришгари вежаи СММ оид ба зӯроварӣ нисбат ба занон, 10-20 Апрели 2012с., саҳ.16

Бояд мавҷудияти дастуру расмиётҳои мушаххас ва қатъиро бо мақсади танзими тартиби гузаронидани тафтиши шахсӣ/тафтиш таъмин карда шавад, то ки дараҷаи суистифода пасттар карда шавад. Дар онҳо бояд ҳодисаҳое, ки тафтиш иҷозат дода шудааст, бо дарназардошти меъёрҳои зарурӣ, оқилона ва мутаносибӣ, инчунин татбиқи принсипи «зарурати ногузир» барои тафтишҳои интрузивӣ, ба таври мушаххас дарҷ намудан лозим аст. Дар он ҷое, ки имконпазир аст, тавсия дода мешавад, ки усулҳои алтернативӣ истифода бурда шавад[60]. Масалан, дар ҳолати ба вуҷуд омадани шубҳа дар бораи он ки, маҳбус ашёи манъшударо дар дохили бадани худ пинҳон намудааст, усулҳои алтернатвии тафтиш сканнамоиро бо технологияи муосир ё чунин чораҳо, ки дар давоми онҳо, маҳбус таҳти назорати бодиққати то он вақте қарор мегирад, ки ашёи манъшуда аз организм ба берун набарояд[61].

### Таҳқиқи узви таносул, Юнон

Дар Юнон занони маҳбусеро, ки аз тафтиш бо таҳқиқи узви таносул пас аз омадани ба маҳбас даст кашиданд, дар камераҳои яккаса ба муҳлати якчанд рӯз ҷойгир намуданд ва маҷбур намуданд, ки доруҳои исҳоловарро нӯшанд. Бо сабаби боздиди миссияи Кумитаи Аврупо оид ба пешигрии шиканҷа (КАПШ) моҳи январи соли 2011, ҳокимият арз намуд, ки ин намуди тафтишҳо бекор карда шуданд ва танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва аз тарафи духтурони баландихтисос амалӣ карда мешаванд. Новобаста аз ин, КАПШ ҳангоми боздиди худ ҳолатҳои татбиқгардии чунин усули тафтишро дар маҳбасҳои юнонӣ, ки то айни замон идома меёбад, ошкор намуд[62].

Дар муқарраротинчунин зарур аст, ки шартҳои гузаронида шудани он ба таври мушаххас нишон дода шавад. Аз ҳама муҳим он аст, ки ҳангоми гузаронидани тафтиши шахсӣ бояд ҳуқуқ ба дахлнопазири ҳаёти шахсӣ ва шаъну шараф кафолат дода шавад, онҳо бояд ба таври боадабона гузаронида шаванд ва набояд барои таъқибнамоӣ, тарсонидан ё дахолати аз ҳад зиёд ба ҳаёти шахсии маҳбусон истифода бурда шавад[63]. Тавсия дода мешавад, ки маҳбусон ҳеҷ вақт то ба бараҳнашавӣ либосҳояшонро накашанд, вале тафтиш бояд дар ду марҳала (аввал бадан ва баъди қисми поёнии бадан) гузаронида шавад, дар баробари ин, аз тамоси ҷисмонӣ худдорӣ карда шавад ва он набояд ҳисси таҳқиршавиро ба вуҷуд орад. Ба корманд бояд расмият ва тартиби гузаронидани тафтишро пеш аз оғоз намудани тафтиши пурраи шахсӣ, фаҳмонида шавад. Тафтишот бо кашидани либос ва таҳқиқи ковокиҳои бадан бояд аз тарафи офисери калони навбатдор иҷозат дода шавад[64].

Тафтиши маҳбус аз тарафи корманди ҳамон ҷинсе, ки маҳбус мебошад, мутобиқи муқаррароти Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидишуда,[65], Қоидаҳои Бангкоки СММ[66], Кумитаи[67] СММ оид ба ҳуқуқи инсон, қоидаи 54(5) Қоидаҳои пенитенсиарии Аврупо[68] ва стандартҳои аз тарафи Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа[69]. таҳия карда шудаанд, амалӣ карда шавад.

Бо мақсади ҳисоботдиҳанда будан, маъмурияти маҳбас бояд ҳисоботҳои дахлдорро оид ба тафтиш нигоҳ дорад, аз он ҷумла сабабҳои гузаронида шудани ин тафтишҳо, маълумот дар бораи шахсони тафтишро гузаронида ва натиҷаи тафтишҳо нишон дода мешаванд[70].

[60] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 52.

[61] Дар соли 2011, Ҳукумати Аргентина қарорро дар бораи насби металлодетектор барои назорати воридшавии боздидкунандагон ба маҳбсҳо қабул намуд. Онҳо ҳоло насб карда нашудаанд. ниг. CELS Derechos humanos en Argentina, informe 2012, саҳ.231.

[62] PRI (MTP), Ҳуҷҷати роҳбарикунанд оид ба Қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо занони маҳбус ва чораҳои ба нигоҳдорӣ дар ҳабс вобастанабуда барои занони ҳуқуқвайронкунанда (Қоидаҳои Бангкок), 2013 с.,саҳ. 61, иқтибоси 208.

[63] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 51.

[64] Қоидаҳои Бангкок, Тавзеҳот ба қоидаи 19, ниг. MTP, Ҳуҷҷати роҳбарикунанда оид ба Қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо занони маҳбус ва чораҳои ба нигоҳдорӣ дар маҳбас алоқаманд набуда, барои занони ҳуқуқвайронкунанда (Қоидаҳои Бангкок), 2013 с., саҳ.63

[65] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали и таҷдидшуда, Қоидаи 52(1)

[66] Қоидаи 19, Қоидаҳои Бангкоки СММ: «Чораҳои самаранок барои таъмини муносибати боэҳтиромона ба занони маҳбус ва ҳимофи шаъну шарафи онҳо ҳангоми тафтишҳо қабул карда мешаванд, ки онҳо танҳо аз тарафи кормандони ҷинси зан, ки омодагии дахлдорро оид ба усулҳои дахлдори тафтиш гузаштаанд ва мутобиқи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад». Бо мақсади гузаронидани тафтиши шахсии боздоштшудагони ЛГБТИ ниг. PRI / APT, ЛГБТИ аз озодӣ маҳрумшуда : чаҳорчубаи мониторинги пешгирикунанда,нашриёти 2-юм, 2015с.

[67] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар эродҳои худ № 16 ба моддаи 17 ПБҲСГ, б. 8: ‘(...) вобаста ба тафтиши хусуӣ ва шахсӣ, тавсия дода мешавад, ки чораҳои самаранок таъмин карда шавад, то ки гузаронидани чунин тафтишҳо ба принсипи эҳтироми шаъну шарафи шахси гирифтори тафтишшуда мутобиқат намояд. Шахсоне, ки аз тарафи шазхсони мансабдори давлатӣ ё кормандони тиб, ки бо иҷозати давлат амал менамояд, бояд аз тарафи шахсони ҳамон ҷинс амалӣ карда шавад».

[68] Тавсияи Rec (2006) 2 Кумитаи вазирони давлатҳои иштирокчии Қоидаҳои пенитенсиарии Аврупо, ки аз тарафи Кумитаи вазирон 11 январи соли 2006 қабул карда шудааст.

[69] Стандартҳои КЗШ, б.26 .: «(...) КЗШ қайд карда мехост, ки новобаста аз сину соли шахси аз озоди маҳрумшуда, танҳо аз тарафи кормандони ҳамон ҷинс мавриди тафтиш гузаронида шавад ва дилхоҳ тафтиши маҳбус, ки барои он кашидани либос зарурат дорад, бояд берун аз ҳудуди биниши корманди ҷинси муқобил гузаронида шавад; ин принсипҳо махсусан нисбати ноболиғон бояд татбиқ карда шавад».

[70] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 51. Барои мушаххасот, ниг. PRI/APT, маводи таълимии манбавӣ оид ба мониторинги ҷойҳои маҳрумнамоӣ аз озодӣ: Бюллетени иттилоотӣ оид ба гузаронидани тафтиши шахсӣ, нашриёти дуюм 2015с.

Стандартҳои одоби тиббӣ қайд менамоянд, ки «уҳдадории духтур оид ба расонидани ёрии тиббӣ ба маҳбус, набояд бо уҳдадории иштирок дар низоми бехатарии маҳбас бадном карда шавад» ва мутобиқан ҷалб намудан ба «дилхоҳ муносибати касбӣ бо маҳбусон ё боздоштшудагон, ки мақсади он на танҳо баҳогузорӣ, ҳимоя ё беҳтарнамоии саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ба ҳисоб меравад» ба одоби тиббии кормандони тиб мухолифат менамояд[72]. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки тафтиши ковокии бадан аз тарафи корманди тиббие гузаронида шавад, ки қисми хадамоти тиббӣ-санитарии маҳбас ба ҳисоб намеравад ва ё корманди маҳбасе, ки дорои донишҳои кофии тиббӣ ва малакаҳо барои гузаронидани тафтиши бехатар намебошад[73].

Хавфи баланди суистифодаро ҳангоми тафтиш, махсусан тафтиши шахсӣ ба назар гирифта, ба ташкилотҳои мониторингкунанда зарур аст, ки сабабҳое, ки аз рӯи онҳо чунин тафтишҳо гузаронида мешаванд ба таври амиқ таҳлил намоянд, оё онҳо ба баҳогузории инфиродии хавф асос ёфтаанд ё ин ки кӯҳна ва расмиёти номутаносиб мебошанд. Инчунин ба онҳо зарур аст, ки тартиби гузаронидани тафтишоҳоро дар таҷриба амиқ таҳлил намоянд[74].

> ### Ҳисоботи ҳарсолаи ММП Фаронса (тафтишҳо)
>
> Ҳисоботи ҳарсолаи ММП Фаронса аз соли 2011, Нозири генералии ҷойҳои маҳрум аз озодӣ мебошад. Ҳисобот фасли пурраро, ки ба масъалаи тафтиш дар маҳбасҳо бахшида шудаанд, дар бар мегирад. Таҳлили амиқ маълумоти амалӣ, инчунин шарҳи манбаи меъёрии ҳуқуқӣ ва рушди онро дар дар мегирад. Он инчунин шарҳи васеъро аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, таҷрибаи гузаронидани тафтишҳо дар маҳбасҳоро низ дар бар мегирад. “Хулоса айён аст: ҷалб намудани кормандон барои гузаронидани тафтишҳои бонизом аз нуқтаи назари қобилияти онҳо оид ба таъмини тартибот дар маҳбасҳо, қонунӣ ба ҳисоб меравад. Вале ин дар ҳолатҳои ногузир (....).
>
> Элементи калидӣ дар ин ҷо тафтиши асоснок ва мутобиқан маҳдуд бо либоскашии пурра ба ҳисоб меравад, ки он чунон гузаронида мешавад, ки корманди маҳбас тавонад вайронкунандагони ҳақиқии тартиботро (онҳо аққалият ҳастанд) аз дигар маҳбусон фарқ карда тавонад (...). Барои ин гузаронидани таҳлили нави “хатарноки”-и шахсон зарурат надорад, балки натиҷаи назорати бодиққат ва ҳаррӯза аз болои ҳаёти маҳбусон ба ҳисоб меравад”.[75]

## 5. Ҷудонамоӣ ва нигоҳдорӣ дар камераи яккаса

Ҳабси яккаса ё карсер-ин истилоҳе мебошад, ки он барои тавзеҳи ҷудонамоии ҷисмонии шахсон бо роҳи ҳабснамоии онҳо дар камераҳои яккаса ба муҳлати аз ду то бисту чор соат дар як шабонарӯз истифода мешавад. Дар бештари аз давлатҳо ба маҳбусони таҳти чунин низом қарордошта, барои тарк намудан камераҳои худ ба муҳлати як соат барои сарӣ гашти яккаса иҷозат дода мешавад. Тамоси пурмазмун бо дигар одамон, чун қоида ба ҳадди ақал фароварда мешавад. Пастравии дараҷаи ҳавасмандгардонӣ дар чунин низоми нигоҳдорӣ на танҳо миқдорӣ, балки сифатӣ низ мебошад. Чун қоида, ҳавасмандгардонии мавҷуда ва тамоси давравии иҷтимоӣ бисёр кам озодона интихоб карда мешавад ва чун қоида якшакла буда, бештар ғайриҳиссӣ мебошанд»[76].

Дар моҳияти бехатарӣ, нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса дар муассисаҳои ислоҳӣ бо се тарзҳои асосӣ истифода бурда мешавад. Дар ҳабси пешакӣ, ингоҳдорӣ дар камераи яккаса ба сифати усули маҷбурнамоии шахси таҳти ташфтишот қарордошта ба “иқрор” шудан то ва дар давраи байни пурсишҳо, истифода мешавад. Барои маҳбусон чунин ҳабснамоӣ ба сифати чораҳои таъсиррасонии интизомӣ; ба сифати усули идоранамоии гуруҳҳои махсуси маҳбсоне, ки ҳамчун бавуҷудорандаи хавфи калон баррасӣ мешаванд ва (аз рӯи тасдиқот) усули “ҳимоя”и маҳбусон аз таҷовуз аз тарафи дигар маҳбусон. Ин сафеднамоӣ

---

[71]ВМА, Ариза вобаста ба тафтиши шахсии шахсони маҳбус (Statement on Body Searches of Prisoners), дар 45-ум Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии тиббӣ, Будапешт, Венгрия, октябри 1993 с. қабул шудааст ва дар рафти ҷаласаи 170-уми Шурои ВМА, коммуна Дивон-ле-Бен, Фаронса, майи 2005с аз ҷиҳати таҳририявӣ таҷдиди назар карда шудааст.

[72] Ба принсипи 3 Принсипҳои одоби тиббӣ, ки ба нақши кормандони тандурустӣ, махсусан духтурон, барои ҳифзи маҳбусон ё боздоштшудагон аз шиканҷа ва лигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шараф алоқаманданд.

[73] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 51(2)

[74] ниг.мас., таҳлили мушаххаси гузаронидани тафтишҳо, ки аз тарафи Механизми миллии пешигирикунандаи Фаронса (ММП) дар ҳисоботи ҳарсолаи худ барои соли 2011, гузаронида шудааст, саҳ.238-256. Le Contrôleur général des lieux de privation de liberté, Rapport d'activité 2011, 2012.

[75] Le Contrôleur général des lieux de privation de liberté, Rapport d'activité 2011, 2012, op.cit.

[76] Протоколи Истамбулӣ оид ба татбиқ ва натиҷаҳои ҳабси яккаса, ки 9 декабри соли 2001 дар рафти Симпозиуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҷароҳати равонӣ, Истамбул, қабул карда шудааст.

бештар барои дар камераҳои яккаса ҷойгир намудани шахсон бо харобии рӯҳӣ ё бемориҳо, инчунин лесбиянкаҳо, гейҳо, бисексуалҳо, трансексуалҳо (ЛГТБИ)[77] истифода мешаванд. Маҳбусони сиёсие, ки агар чунин шуморида шаванд, ки онҳо метавонанд таҳдидро ба бехатарии миллӣ оваранд, баъзан дар чунин шароит нигоҳ дошта мешаванд[78].

Дар шароити нокифоягии шумораи кормандон, нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса метавонад усули оддии идоранамоии маҳбусони душвортарбия ба ҷои таъмини назорати талабшуда, ба ҳисоб меравад. Дар даҳсолаи охир зиёдгардии миқёси ҳабснамоӣ дар камераҳои яккаса дар маҳбасҳои навъи “низоми махсусан сахт” ба назар мерасид (ниг. фасли 6). Дар дигар маҳбасҳо низоми “ҷудонамоӣ ба гурӯҳҳои на он қадар калон” ҷорӣ карда шуда буд, яъне вақте ки маҳбусон ҳамчун хатарро бавуҷудоранда ё дараҷаи баланди хавфдошта тасниф шаванд, онҳо дар сохторҳои на он қадар калон бо низоми махсусан сахт нигоҳ дошта мешаванд ва танҳо тамоси маҳдуд бо як ё панҷ нафар дар вақти муқарраршуда, чун қоида як соат барои сайру гашт дар ҳавои тоза иҷозат дода мешавад.

### Низоми махсуси интизомӣ дар Бразилия

Дар Бразилия усули нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса татбиқ карда мешавад, яъне Низоми махсуси интизомӣ (Regime disciplinar diferenciado) (НМИ) ба сифати чораҳои интизомӣ ҷавоб ба вайронкунии хатарнок аз тарафи маҳбус содиршуда. НМИ метавонад нисбати як то шаш нафар маҳкумшуда татибқ карда шавад. Шароитҳои аз ҳама бадтари нигоҳдорӣ дар доираи НМИ дар маҳбасҳои федералӣ ба қайд гирифта мешаванд: маҳбусон дар камераҳо дар як шабонарӯз 24 соат таҳти назорати видеоӣ, бе дастрасӣ ба телевизион, радио ё рӯзномаҳо, нигоҳ дошта мешаванд. Дар НМИ нигоҳдошташавандагон ба ду вохӯрӣ ҳуқуқ доранд, вале бе ягон тамоси ҷисмонӣ[79].

Ҷудонамоӣ ва ҳабси яккаса хавфи калони вайроннамоии ҳуқуқи инсонро дар бар мегирад. Мавҷуд набудани шоҳидон хавфи татбиқнамоии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмонаро зиёд менамояд, ки онҳо метавонанд ноайён ва беҷазо гузошта шаванд. Ҳабси дарозмуҳлати яккаса худ ба худ метавонад ба шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё пастзананда баробар карда шавад[80] ива ба саломатӣ таъсири назарраси манфиро мерасонад. Гузоришгари вежаи СММ оид ба шиканҷа даъват намуд, ки ҳабси яккасаи дарозмуҳлат ё ба муҳлати номуайян, ҳамчун чораи бо манъnamoии шиканҷа ва дигар намуди муносибати бераҳмона номутобиқ[81] ва ҳамчун чораи «бераҳмона», ки ба мақсадҳои офиятбахшӣ, ки бояд низоми пенитенсиарӣ ба он равона карда шуда бошад, мухолифат мекунад, манъ карда шавад.[82] Таҳқиқоти тиббӣ тасдиқ менамоянд, ки раднамоӣ аз тамоси даркшудаи инсонӣ метавонад ба бавуҷудоии «аломати ҷудошавӣ» оварда расонад, ки нишонаҳои он нороҳатӣ, беқарорӣ, ғазаб, харобии когнитивӣ, вайронгардии қабулнамоӣ, параноя, ноқисулақлӣ, маъюб кардани узви бадан ва худкуширо дар бар мегирад ва метавонад шахсияти инсонро вайрон намояд.[83]

[77] Ниг. PRI/APT, ЛГБТИ аз озодӣ маҳрумшуда: доираи мониторинги пешгирикунанда, нашриёти 2, 2015с.
[78] Sharon Shalev (Шарон Шалев), A sourcebook on solitary confinement, Mannheim Centre for Criminology, Лондон, Мактаби иқтисодӣ, 2008с.
[79] Pastoral carceraria do Brasil/Association for the Prevention of Torture. Situaçao das Pessoas Privadas de Liberdade no Brasil – Informaçao Preliminar para Audiencia da Comissao Interamericana de Direitos Humanos, 20 October 2012.
[80] Маърӯзачии вежа СММ оид ба масъалаи шиканҷа, маърӯзаи МУ СММ, 5 августи 2011 с., A/66/268.
[81] Гузориши фосилавии Гузоришгари вежаи СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф, 5 августи соли 2011, A/66/268. Кумитаи аврупои оид ба пешгирии шиканҷа (КАОШ) тавсияҳои мутаносибро пешниҳод намуд: КЗШ Гузориши умумии 21-ум, 1 августи соли 2010-июли соли 2011, ноябри соли 2011
[82] Гузориши якуми фосилавии МУ СММ 18 октябри 2011 сол, A/RES/65/205 б.79 (дар он қайд карда мешавад: «ҳабси яккаса чораи сахт ба ҳисоб меравад, ки он метавонад таъсисри ҷиддии рӯҳӣ ва равонии номувофиқро ба одамон новобаста ба шароити мушаххаси онҳо бавуҷуд орад»).
[83] Grassian S, ‘Psychiatric effects of solitary confinement’, Journal of Law and Policy 22, 2007, pp325-383; Haney C, ‘Mental health issues in long-term solitary and ‘supermax’ confinement’, Crime & Delinquency 49(1) pp124-156, 2003; Shalev S, A sourcebook on solitary confinement, Mannheim Centre for Criminology, London School of Economics, 2008.

### Эъломияи Истанбулӣ оид ба татбиқ ва оқибатҳои нигоҳдорӣ дар камераҳои яккса

«Ҳабси яккаса метавонад ба оқибаҳои манфии ҷиддии рӯҳӣ ва баъзан равонӣ оварда расонад. Рӯйхати калони аломатҳо аз бехобӣ ва ҳисси изтироб то таваҳҳум ва психоз расман тасдиқ карда шудааст. Оқибатҳои манфӣ ба саломатӣ метавонанд танҳо пас аз якчанд рӯзи нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса ба вуҷуд оянд, хатар барои саломатӣ бошад вобаста ба ҳар як рӯзи дар чунин шароит гузаронидашаванда зиёд мешавад (...). Таъсири асосии манфии нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса дар он ифода меёбад, ки он тамоси пурмазмуни иҷтимоиро то сатҳи ҳавасмандгардонии иҷтимоӣ ва рӯҳӣ, ки онҳо ҳамчун нокифоя барои нигоҳдории саломатӣ ва кайфияти ҳол қабул карда мешаванд, паст менамояд»[84].

Аз ин сабабҳо миқдори таъсирбахши қонунҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул карда шуданд, ки онҳо талаботро оид ба маҳдуд намудани татбиқи нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса ё карсер[85] дар бар мегиранд ва манъи пурраи татбиқнамои ҳабси яккаса нисбат ба ноболиғон[86], занони ҳомила, занони дорои кӯдакони ширмак ва ғизодиҳанда ҷорӣ карда шудааст[87].

Принсипҳои асосӣ оид ба муносибат бо маҳбусон тавсия медиҳад «кушиш барои бекор кардани нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса ба сифати ҷазо ё паст намудани дараҷаи татбиқи он ба харҷ дода шуда, ҳавасманд гардонида шавад»[88]. Эъломияи Истанбул оид ба татбиқ ва оқибатҳои нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса, Қоидаҳои аврупоии пенитенсиарӣ[89], принсип ва таҷрибаи беҳтарини ҳифзи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар давлатҳои Америка тасдиқ менамоянд, ки нигоҳдориро дар камераҳои яккаса ҳамчун чораҳои охирин танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ дар муҳлати кутоҳи вақт «вақте ки зарурати таъмини манфиатҳои қонунии ба бехатарии дохилии муассиса вобастабуда ва ҳимояи ҳуқуқҳои асосӣ ба монанди ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлднопазирии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва кормандон ошкоро бошад» истифода бурдан мумкин аст[90].

Аз ин тағйиротҳо рӯҳ гирифта, дар Қоидаҳои стандарти ҳадди ақал маҳдудиятҳои бевосита барои нигоҳдорӣ дар камераҳои яккаса новобаста аз он ки оё ба сифати чораи интизомӣ ё барои нигоҳдории тартибот ва бехатарӣ татбиқ карда мешавад, ворид карда шуданд[91].
Новобаста аз давомнокии нигоҳдории яккаса, Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда талаб менамоянд, ки чунин нигоҳдорӣ аз тарафи қонунгузор ё НПА «дар бораи дилхоҳ чораҳои маҷбуран ҷудонамоӣ аз миқдори умумии маҳбусон» ба танзим даровавда шавад (...), аз он ҷумла дар амал ҷорӣ намудани принсипҳо ва расмиёте, ки истифодабарӣ ва таҷдиди назар намудани тартиби татбиқ ва бекорнамоии дилхоҳ чораҳои маҷбуран ҷудонамоиро ба танзим медарорад[92].

Ба ғайр аз талаботи умумии мавҷудияти манбаи ҳуқуқӣ, барои ҳабси яккаса маҳдудиятҳои мушаххас ва кафолатҳои мурофиавӣ ворид карда шуда буданд, ки дар бораи онҳо дар Қоидаҳо чунин гуфта мешавад: «маҳдудияти озодии маҳбусон дар муҳлати 22 соат ё зиёда аз он дар як рӯз бе тамоси пурмазмун бо одамон»[93].
Манъи мутлақ ба ҳабснамоӣ ба муҳлати номуайян ва ҳабси яккасаи дарозмуҳлат амал менамояд, ки дар он «муҳлати номуайян» маънои ҳабснамоӣ «дар муҳлати зиёда аз 15 рӯз паиҳам»-ро дорад[94]. Манъинамоӣ барои истифодаи ҳабси яккаса ва чораҳои ба он монанд дар ҳолатҳои бо занон ва кӯдакон вобастабуда амал менамояд, ки дар бораи он дар дигар стандартҳо ва меъёрҳои СММ ва Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда сухан меравад[95].

---

[84]Протоколи Истанбулӣ оид ба татбиқ ва оқибатҳои ҳабси яккаса, ки 9 декабри соли 2007 дар рафти Симпозиуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои рӯҳӣ, Истанбул, қабул карда шудааст.
[85] ниг., Масалан, принсипи 7 Принсипҳои асосӣ; Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, мафҳуми тартиботи умумии № 20.
[86] Қоидаи 67 Қоидаҳои СММ оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда.
[87] Қоидаи 22 Қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо занони маҳбус ва чораҳои ба нигоҳдорӣ дар ҳабс вобастанабуда барои занони ҳуқуқвайронкунанда (Қоидаҳои Бангкок).
[88] Принсипи 7, Принсипҳои асосии муносибат бомаҳбусони СММ, 1990с
[89] Қоидаҳои аврупоии маҳбасӣ, Қоидаи 60 (5): «Ҳабси яккаса ба сифати ҷазо танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва дар муҳлати муайяни вақт, ки он бояд то андозаи имконпазир кутоҳ бошад, таъин карда шавад».
[90] Принсипи XXII (3), Принсипҳо ва таҷрибаи беҳтарин оид ба ҳимояи шахсони дар Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ аз озодӣ маҳрумшуда.
[91] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 37 (d) ва қоидаҳои 43-46.
[92] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 37
[93] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 44.
[94] Дар қоидаи 43 (a) ва (b) Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, чунин таҷрибаро ба монанди «маҳдуднамоӣ ё муҷозоти интизомӣ» баробарқувва ба «шиканҷа ва дигар намудҳои ҷазо ва муносибатҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф» тасниф менамоянд; Қоидаи 44 мафҳуми ҳабси яккасаи дарозмуҳлатро дар бар мегирад.
[95] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақал, Қоидаи 45 (2), бо истинод ба Қоидаи 67 Қоидаҳои СММ оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда (қатъномаи 45/113, замима); ва Қоидаи 22 Қоидаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муроҷиат бо занони маҳбус ва чораҳои ба нигоҳдорӣ дар ҳабс вобастанабуда барои занони ҳуқуқвайронкунанда (Қоидаҳои Бангкок) (қатъномаи 65/229, замима).

Манъи ҳабси яккса инчунин нисбати маҳбусоне татбиқ мегардад, ки ба харобии рӯҳӣ гирифторанд ё дорои ноқисии ҷисмонӣ мебошанд, агар татбиқи чунин чораҳо ба бадшавии вазъи саломатии онҳо оварда расонанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин моҳият, татбиқи манъи мутлақи ҳабси яккаса нисбат ба шахсони дорои бемории рӯҳӣ дар Эъломияи Истанбул оид ба татбиқ ва оқибатҳои нигоҳдорӣ дар камераи яккаса[96], птавсия дода шудааст, ки муқаррароти он боз аз тарафи Гузоришгари вежаи СММ оид ба шиканҷа[97] ва Кумита оид ба пешгирии шиканҷа[98] тасдиқ карда шуданд.

### Гузориши гузоришгари вежаи СММ оид ба шиканҷа[99]

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки ҳабси яккаса бештар ба ҷиддӣ шиддат гирифтани ҳолати саломатии рӯҳии қаблан мавҷуда оварда мерасонад. Дар ҷудоӣ, вазъи маҳбусони дорои харобии рӯҳӣ зуд бадтар мешавад. Таъсири иловагии ҳабси яккаса ба шахсони дорои масъалаҳои ҷиддии саломатии рӯҳӣ таъсири махсусан назаррас мерасонад, ки онҳо одатан бо аломатҳои бемории рӯҳӣ ва ё харобшавии назарраси функсионалӣ тавсиф мешаванд. Баъзе аз чунин маҳбусон ба содир намудани амалҳои ғайриоддӣ, ба монанди маъюб намудани узви бадан ва ҳатто кӯшиши худкушӣ оғоз менамоянд.

Зиёда аз ин, такяи махсус дар Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда ба он карда мешавад, ки ҳабси яккаса набояд ба қувваи қонунии ҳукми маҳбусҳо ворид карда шавад, ба монанди бештари аз давлатҳо, масалан нисбати шахсони ба чораи ҷазои аз ҳама вазнин маҳкумшуда ё ПЛС[100].

Дар он ҳолатҳое, ки манъи мутлақ татбиқ намегардад «ҳабси яккасаро ҳамчун чораи ниҳоӣ танҳо дар ҳолатҳои истиноӣ ва  дар муҳлати то андозаи имконпазир кутоҳ, бо шарти амалинамоии назорати мустақил ва танҳо бо иҷозати мақоми ваколатдор истифода бурдан мумкин аст»[101].

Барои баланд бардоштани сатҳи тамоси пурмазмуни иҷтимоӣ барои маҳбусон новобаста ба вазъи ҷудонамоӣ[102] кӯшиш бояд ба харҷ дода шавад. Ин дар Қоидаҳои стандарти ҳадди ақал тасдиқи худро ёфтааст, ки аз маъмурияти маҳбас андешидани чораҳои заруриро барои пастнамоии оқибатҳои эҳтимолии манфии ҳасби онҳо, дар он вақте ки маҳбусон ҷудо карда шуданд ё аз аҳолии умумии маҳбас[103] ҷудо карда шуда буданд, талаб менамояд. Ин маънои онро дорад, ки маҳбусон бояд имконияти доштани тамоси пурмазмунро бо дигар шахсон дошта бошанд, масалан  бо роҳи баланд бардоштани дараҷаи тамосҳо байни кормандон ва маҳбусон, таъмини дастрасӣ ба чорабиниҳои иҷтимоӣ бо дигар маҳбусон ва пешниҳоди миқдори зиёдтари вохӯрӣ, ташкили суҳбатҳои пурмазмун бо равоншиносон, психиаторон, ихтиёриён аз ТҒҲ, намояндагони ҷомеаи маҳаллӣ ё хизматчиёни динии маъмурияти маҳбас, ҳангоми хоҳиши маҳбус. Тамоси мунтазам бо аъзоёни оила тавассути вохӯрӣ, мубодилаи мактубҳо, зангҳои телефонӣ ё мактубҳои электронӣ барои маҳбусон мафҳуми назаррасро ба вуҷуд меоранд. Таъмини фаъолияти пурмазмун дар камера ва берун аз ПКТ, масалан, ташкили барномаҳои таълимӣ, шавқовар ва ё омӯзиши касбӣ-техникӣ, ба дараҷаи баробар барои пешгирии вайроннамоии ҳуқуқ ба ҳаёти шоиста ва саломатӣ муҳим мебошанд ва қобилияти расонидани таъсири мусбиро ба паст намудани сатҳи таҷовуз доранд.

---

[96] Эъломияи Истанбул оид ба татбиқ ва оқибатҳои ҳабси яккаса. 9 декабри соли 2007 дар Симпозиуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҷароҳати рӯҳӣ, Истанбул, қаблу карда шудааст.
[97] Гузориши гузоришгари вежа оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф, 5 августи 2011 сол, A/66/268, б. 86.
[98] Масалан, ҳисобот оид ба миссияи Зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои ҷазо ва муносибатҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф дар Ҷумҳурии Парагвай, 7 июни 2010 с., CAT/OP/PRY/1, б.185.
[99] Гузориши гузоришгари вежа оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф, 5 августа 2011 года , A/66/268, б. 86.
[100] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 45
[101] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 45
[102] Эъломияи Истанбул оид ба татбиқ ва оқибатҳои ҳасби яккаса. 9 декабри соли 2007 дар Симпозиуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҷароҳати рӯҳӣ, Истанбул, қабул карда шудааст саҳ. 4.
[103] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 38 (2)

Бар ғайр аз ин, функсияи корманди тиббӣ дар Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда мушаххас карда шуда буданд. Новобаста аз он, ки ба корманди тиб зарур аст, ки диққати махсусро ба саломатии маҳбусони дар дилхоҳ шакл гирифтори ҷудонамоӣ гардида равона намояд, аз он ҷумла ҳар рӯз чунин маҳбусонро хабар гиранд, онҳо «на бояд ба татбиқи муҷозоти интизомӣ ё қабули дигар чораҳои маҳдуднамоӣ иштирок намоянд». Кормандони тиббӣ бояд фавран ба директори маҳбас дар бораи дилхоҳ таъсири манфии чунин чораҳои маҳдуднамоӣ хабар диҳад ва ақидаи худро ба маълумоти директор расонад, агар онҳо бекорнамоӣ ва тағйирдиҳии ҷазо ё чораҳоро бо сабабҳои вазъи ҷисмонӣ ва рӯҳии маҳбус зарур шуморанд.[104]

Қайд кардан ба маврид аст, ки як қатор кафолатҳои мурофиавӣ дар Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда нисбат ба чораҳои интизомӣ ва расмиёт дар маҷмуъ мустаҳкам карда шудаанд. Пеш аз ҳама эътирофи он мавҷуд аст, ки ба дараҷаи аз ҳад зиёди имконпазир барои пешгирӣ намудани вайронкуниҳои интизомӣ ва ҳалли низоҳо истифода намудани механизми бартараф намудани низоҳо, медиатсия ё дилхоҳ механизми дигари алтернативии ҳалли баҳсҳо зарур аст. Ба ғайр аз ин, муҷозот набояд манъкуниро барои муносибат бо оила дар бар гирад, ба ҷои он бояд маҳдудият дар қисмати ихтисори вақт ва танҳо аз нуқтаи назари фаҳмиш ва баҳри таъмини бехатарӣ ва тартибот ворид карда шавад. Бояд баҳисобгирии ҳуҷҷатии татбиқи муҷозоти интизомӣ бурда шавад.[105]

Ба ташкилотҳои мониторинкунанда зарур аст, ки диққати махсусро ба маҳбусони ҷудошуда равона намоянд. Ба шахсоне, ки мониторингро амалӣ менамоянд зарур аст, ки вазъияти татбиқнамоии ҷудокунӣ, ҷудокунии нажодӣ ва ҳабси яккасаро дар рафти боздидҳои худ ба таври амиқ баҳогузорӣ намоянд, аз он ҷумла тозагӣ ва давомнокии татбиқнамоии онҳо. Ба онҳо зарур аст, ки низоми таснифот ва қабули қарорҳоро нисбати ҷудонамоии маҳбусон омӯзанд ва оё чунин қарорҳо дар асоси баҳогузории инфиродии хавф татбиқ карда мешаванд ё не. Бояд масъалаи татбиқи ҳабси яккаса барои «ҳимояи» гурӯҳҳои осебпазир дақиқ таҳлил карда шавад.

Ба ташкилоти мониторингкунанда тавсия дода мешавад, ки аз он ҷумла диққати махсусро ба нигоҳдорӣ дар тавқифгоҳҳо ва таъсири онҳо ба вазъи рӯҳии маҳбусон равона намоянд, махсусан имконияти нигоҳдории тамоси пурмазмуни иҷтимоӣ (инсонӣ) барои маҳбусон таҳлил карда шавад. Ба ғайр аз ин, ба ташкилотҳои мониторингкунанда зарур аст муқаррар намоянд: оё ҷудонамии нажодӣ (сегрегатсия)/ҳабси яккаса нисбати гурӯҳи алоҳида ё шахсони алоҳида дар асоси табъиз истифода намешаванд. Барои ин, зарур аст, ки суҳбатҳои бештар бо маҳбусони дар ҳабси яккаса қарордошта ё ба наздикӣ қарордошта гузаронида шавад ва сабти баҳисобгирии дахлдор гузаронида шуда, кормандон мавриди пурсиш қарор дода шаванд.

## 6. Маҳбас бо «низоми мутлақо сахт»

Увеличение числа т.н. тюрем с «абсолютно строгими режимами» свидетельствует о том, что в разных странах все больше и больше прибегают к использованию зданий/помещений с особо строгими режимами, хотя на долю склонных к насилию заключенных и представляющих высокую опасность персоналу и другим заключенным, как правило, приходится лишь небольшую часть тюремного населения.

Тюрьмы с «абсолютно строгими режимами» характеризуются достаточно строгими ограничительными мерами и режимом, когда заключенные проводят от 22 до 23 часов в ПКТ, а на прогулку на свежем воздухе отводится не более 1 часа, обычно в небольших дворах и по одному. Ограниченные человеческие контакты с персоналом, сокамерниками или членами семьи приводят к социальной изоляции и фактическому одиночному заключению, несмотря на его устойчивые последствия для психического здоровья заключенных (см. Разделы 2 и 5).

[104] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 45
[105] Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, Қоидаи 46

### Маҳбасҳои дорои низоми махсус ва «низоми мутлақо сахт» дар Бразилия

Дар соли 2006, дар Бразилия се колонияи ислоҳӣ бо низоми махсусан пурзӯри моҳияти федералӣ барои маҳбусоне, ки барои адои ҷазо дар муассисаҳои шакли пӯшидаи муқаррарии низоми миллии пенитенсиарӣ хатари калон бавуҷудоранда ба ҳисоб мераванд, сохта шуд. Маҳбусон дар камераҳои алоҳида ба муҳлати 22 соат дар як шабонарӯз нигоҳ дошта мешаванд ва барои сайру гашт дар ҳавои тоза 2 соат ҷудо карда шудааст. Ба онҳо қабул намудани рӯзнома манъ аст, дастрасӣ ба радио ва телевизион мавҷуд нест. Вохӯрӣ бо хешовандон, аз он ҷумла вохӯрии ҳамсарони иҷозатдодашуда, ҳар ду ҳафта як маротиба иҷозат дода мешавад, вале дорои душворӣ мебошанд, ин маҳбасҳои аз ҳамдигар дуранд. Ба 1 муҳофиз-корманд қариб 1-2 маҳбус рост меояд ва муассиса дар пешбурди полиси федералӣ қарор дорад. Дар маъруза оид ба маҳбаси федералӣ Кампо Гранде, Вазири адлияи давлат қайд намуд, ки ҷуднамоии мутлақи бардурӯғи маҳбусон яке аз масъалаҳои асосии ташвишовар нисбат ба оқибатҳо барои саломатии рӯҳии маҳбусон вобастабуда ба ҳисоб мерафт, ки шаҳодати он истифодаи васеи антидепрессантҳо мебошад[106].

Ҳарчанд, ки омилҳои бехатарӣ барои сафед намудани зарурати чунин объектҳои бонизоми махсусан пурзӯр истифода мешаванд, таҷриба нишон медиҳад, ки ҷудонамоӣ на ҳама вақт мусоидати ҳатмӣ барои муқаррарнамоии муҳити нисбатан бехатар ба ҳисоб меравад, баръакс вазнинии рафторро вазнинтар мегардонад ва ба харобии рӯҳӣ оварда мерасонад.

Дар иёлоти Миссисипи, ИМА мурофиаи судӣ, ки соли 2002 оғоз карда шуда буд ва он дар натиҷа бо тартиби ғайрисудӣ ба танзим дароварда шуд, ба ислоҳоти Департаменти муассисаҳои ислоҳии иёлот, аз он ҷумла ба ихтисори шумораи ҳайати махсус дар сохтори №32 низоми махсус аз 1000 нафар ба 150 нафар оварда расонид. Интиқоли маҳбусон аз камераҳои яккаса ба ПКТ бо низоми камтар сахт дар таҷдиди тартиби таснифо[107], асос ёфтааст, ки он бо сегрегатсия нисбати маҳбусоне, ки вайроннамоии ҷиддии қоидаҳои маҳбасро содир намудаанд маҳдуд мешуд, ки онҳо шахсони бонуфуз ва пешвоёни гурӯҳҳои роҳзан буданд ё кӯшиши фирор намуданро карда буданд. Ислоҳот бо барномаи табобати саломатии рӯҳӣ ҳамроҳӣ карда мешуд. Тағйирот дар сиёсат ба зуд пастравии ҳодисаҳои зӯроварӣ дар маҳбасҳо[108] мусоидат намуд. Мутобиқи таҳқиқот, маълумоти омории ҳармоҳа дар бораи тақрибан пастшавии 70%-и миқдори ҳодисаҳои ҷиддӣ ҳам байни маҳбусон ва кормандон ва ҳам байни маҳбусон[109]. шаҳодат медиҳад. Новобаста аз он, ки маҳбусон дар ПКТ-ҳои ҷудошуда ҳоло ҳам нигоҳ дошта мешуданд ва мавҷудияти "ҳайати душвортарбия"-ро ба вуҷуд меорварданд, баъд аз иваз гардидани сиёсат онҳо нисбатан бодалоатона муносибат мекарданд ва миқдори ҳодисаҳои ҷиддӣ нисбатан паст боқӣ монда буд[110].

Пас аз ин таҷрибаи мусбӣ, истифодаи васеи ҳабси яккаса ва самаранокии маҳбасҳо бо низоми махсусан сахт дар ИМА таҳти шубҳа қарор дода шуд. Моҳи июни соли 2012, Кумитаи Сенат оид ба низоми судӣ (Кумитаи ҳуқуқӣ) муҳокимаро дар зеркумита оид ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ, граждании ва ҳуқуқи инсон таҳти номи «Азнавбаҳодиҳии ҳабси яккаса: ҳуқуқи инсон, оқибатҳо барои бехатарии молиявӣ ва ҷамъиятӣ»[111] таъин намуд. Моҳи феврали соли 2013, Бюрои Федералии маҳбасҳо ба баҳогузории ҳамарофарогиранда ва мустақили истифодаи ҳабси яккаса дар маҳбасҳои федералии давлат[112]. розигӣ дод. Аз он вақт инҷониб, Бюрои федералии маҳбасҳо, чӣ тавре ки хабар дода мешавад, шумораи маҳбусони дар камераҳои яккаса мавҷудбударо, тақрибан ба 25 фоиз ихтисор намуд ва ду зерсохтори махсусгардонидашудаи худро оид ба идоранамоӣ, ҳамчун шакли ҷудонигоҳдорӣ барҳам дод.

[106] Ministerio da Justicia, Conselho nacional de política criminal e penitenciairia, Relatorio da visita de inspeçao ao Estado o Mato Grosso do Sul, 8-9 March 2010.
[107] «Вақте ки кормандони барои таснифи маҳбусон масъул меъёри навро татбиқ намуданд ва такроран баҳогузории ҳамаи маҳбусонро дар сохтори №32 гузарониданд, онҳо ошкор намуданд, ки тақрибан 80% маҳбусони дар камераҳои яккаса (карсерҳо) ба меъёри нав мутобиқат намекунанд. Ниг. Ҳаёт пас аз камераҳои яккаса дар «низоми мутлақо сахт»-таҷрибаи Миссисипи, азнавдаркнамоии масъалаҳои тасниф ва таъсиси барномаи алтернативии саломатии рӯҳӣ дар маҳбасҳо, 21 июли 2009 с., саҳ.5 (ниг. Beyond supermax administrative segregation – Mississippi's experience rethinking prison classification and creating alternative mental health programs), 21 июли 2009с., саҳ.5
[108] ЖҲаёт пас аз камераҳои яккаса дар «низоми мутлақо сахт» (Beyond supermax administrative segregation, op.cit,) саҳ.3.
[109] Beyond supermax administrative segregation, op.cit, стр.7.
[110] Beyond supermax administrative segregation, op.cit, стр.11.
[111] Reassessing solitary confinement: the human rights, fiscal and public safety consequences. Кумитаи ҳуқуқии Сенат, зеркумита оид ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ, граждании ва ҳуқуқи инсон, 19 июни 2012с.

Мутобиқи маълумот, Институти миллӣ оид ба корҳои муассисаҳои ислоҳӣ ба чунин иёлот ба монанди Колорадо[113] ва Миссисипи дар ислоҳоти таҷрибаи ҳабси яккаса кумак намуд, дар иёлоти Миссисипи миқдори маҳбусон дар камераҳои яккаса бештар аз 75 фоиз паст карда шуд, ки он ба 50 фоиз ихтисори зӯроварӣ дар маҳбасҳо[114] оварда расонид.

## 7. Истифодаи аз ҳад зиёди технология ва назорати видеоӣ

Истифодаи технология дар маҳбасҳо метавонад ҳиссаи мусбиро ба бехатарии кормандон ва маҳбусон ворид намояд ва хавфи суистифодаро паст намояд. Ин масалан ба металлодетектор вобастааст, ки онҳо ба сифати ивази гузаронидани тафтишҳо бо либоскашии пурра, камераҳои видеоӣ, ки барои назорати периметр бо мақсади паст намудани хавфи зӯроварӣ байни маҳбусон ё барои гузаронидани муҳокимаҳои судӣ тавассути алоқаи видеотелеконфрон[115] насб карда шудаанд. Видеокамераҳои насбшуда ба ошкорнамоии ҳодисаҳои зӯроварӣ ё дигар рафтори номатлуб байни кормандон ва дигар маҳбусон мусоидат менамоянд[116].

Дар баробари он, истифодаи мунтазам ва ғайриинтихобии низоми технологияҳои баланд, махсусан бурдани назорати мунтазами видеоӣ дар дохили камераҳо[117], метавонад вайроннамоии ҷиддии ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсиро ба вуҷуд оварад. Таҳқиқотҳои дар яке аз маҳбасҳои Британияи Кабир гузаронидашуда нишон дод, ки ҳисси таъқиби мунтазам ба «фазои шубҳаи мунтазам, параноя ва эҳтиёткорӣ» меоварад, ки он ба фишороварӣ ва талаби алоқа бо ҳамшабеҳи худ дар байни маҳбусон мебарад[118].

Ба ғайр аз ин, назорати аудиовизуалӣ набояд барои вайроннамоии махфият ва сирри касбӣ ҳангоми вохӯрии маҳбусон бо ҳуқуқшиносон ё ҳуқуқи онҳо ба ҳаёти шахсӣ дар вақти муоинаи тиббӣ, истифода бурда шаванд. Инчунин, тамоюл нисбат ба истифодаи аз ҳад зиёди бонги ҳамроҳикунандаи аудиовизуалӣ ба сифати воситаи пешгирии маъюб намудани узви бадан ва худкушӣ низ мавҷуд аст.

Аз ин рӯ, бурдани назорати видеоӣ ва махсусан сабти видеоӣ бояд бо кафолатҳои ҳимоя, аз он ҷумла нисбати нигоҳдорӣ ва дастрасӣ ба маводи сабтшуда, ҳамроҳӣ карда шавад[119].

Инчунин хавфи он мавҷуд аст, ки истифодаи нисбатан васеи технологияҳо, аз он ҷумла низоми бехатарии технологияи олӣ ва воситаҳои механикии бехатарӣ, ба монанди дарвозаҳои автоматикӣ, низоми махкамнамоӣ/кушодан элементи тамоси инсониро байни корманд ва маҳбус иваз менамоянд ва ба пастравии башардустӣ дар ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс оварда мерасонад. Масалан, соли 2012 Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ, чӣ тавре ки хабар дода мешавад, дар маҳбаси шаҳри Пхохан (Pohang) роботҳо-муҳофизонро мавриди санҷиш қарор дод. Роботҳо бо камераҳо, баландгӯяк ва таъминоти барномавӣ барои таҳлили аломатҳои хатари аз маҳбусон бароянда таҷҳизонида шудааст, то ки баъдтар ба кормандони маҳбас хабар диҳад[120].
Ба мақомоти мониторингкунанда ва ММП зарур аст, ки сиёсати умумӣ ва тамоюлҳоро вобаста ба истифодаи технолгияҳо дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ, инчунин татбиқи онҳо дар таҷриба омӯзанд, то ки таъсири онҳоро ба шаъну шарафи маҳбусон баҳогузорӣ намоянд.

Дар он вақте, ки назорати аудиовизуалӣ, масалан, сабти пурсишҳои полис метавонанд кафолати муҳими истифода нашудани шиканҷа

---

[112] Ниг. Эълон барои матбуоти сенатор: Senator Dick Durbin, Chair of the Senate Subcommittee on the Constitution, Civil Rights and Human Rights, 4 February 2013. http://durbin.senate.gov/public/index.cfm/pressreleases?ID=07260483-4972-4720-8d43-8fc82a9909ac <accessed 8 October 2013>
durbin.senate.gov/public/index.cfm/pressreleases?ID=07260483-4972-4720-8d43-8fc82a9909ac <accessed 8 October 2013>

[113] Ниг. Эълон барои матбуоти сенатор:Senator Dick Durbin, Chair of the Senate Subcommittee on the Constitution, Civil Rights and Human Rights, 4 February 2013. http://durbin.senate.gov/public/index.cfm/durbin.senate.gov/public/index.cfm/pressreleases?ID=07260483-4972-4720-8d43-8fc82a9909ac <accessed 8 October 2013>

[114] Моҳи марти соли 2012, маҳбаси дорои низоми махсусан сахт дар шаҳри Кэнон, Колорадо, ИМА,баста шуд, маҳбаси дорои низоми махсусан сахти «Illinois Tamms» моҳи январи соли 2013 расман баста шуд.

[115] Сенатор Dick Durbin, Chair of the Senate Subcommittee on the Constitution, Civil Rights and Human Rights, 4 February 2013, op.cit.

[116] Дар бораи истифодаи алоқаи видеотелеконфронс барои муҳокимаи судӣ ва хавфҳои вайроннамоии ҳуқуқ ба ҳимоя ниг. Ақидаи Нозири генералии Фаронсаоид ба ҷойҳои маҳрумнамоӣ аз озодӣ (ММП) аз 14 октябри 2011 сол: http://www.cglpl.fr/wp-content/uploads/2011/11/Avis-JO_visioconference_20111109.pdf <accessed 8 October 2013>

[117] Масалан, ин ба ҳолатҳои татбиқи низоми махсуси интизомӣ (НМИ) нисбат ба боздоштшудагон дар маҳбасҳои федералии Бразилия ва Сербия дар шуъбаи махсуси муассисаи ислоҳӣ дар Позареваце Забела (Pozarevac Zabela), Маърӯзаи КЗШ ба Ҳукумати Сербия, аз рӯи натиҷаи миссияи 1-11 феврали 2011с. CPT/Inf (2012) 17, б.96.

[118] Alison Liebling, Helen Arnold and Christina Straub, An exploration of staff prisoner relationships at HMP Whitemoor: 12 years on, revised final report, Ministry of Justice, 2011, p30.

[119] ниг. Бюллетен иттилотӣ PRI/APTдар бораи ‘сабти видеоӣ дар ИВС дар шуъбаи полис’, Инструмент барои миниторинги муассисаҳои шакли пӯшида: Бартарафнамоии омилҳои хавф барои пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмона, нашриёти 2 , 2015с.

[120] Ниг. ‘Robot prison guards to go on duty in Pohang’ (Роботҳо-муҳофизон ба хизмат ба ш.Пхохан мераванд), рӯзномаи The Korea Herald, http://www.koreaherald.com/view.php?ud=20111124000755 <accessed 23 сентябри 2013>.

ва дигар намудҳои муносибати бераҳмонаро диҳанд, ба мақомоти мониторингкунанда зарур аст, ки ҳангоми пешниҳоди тавсияҳои худ вобаста ба чунин чораҳо, нисбатан возеҳ бошанд, то ки ғайримустақим ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва махфияти машваратҳоро бо намояндагони қонунӣ (адвокатҳо) маҳдуд накунанд. Ба инҳо инчунин зарур аст, ки бо диққати махсус ба вобастагии аз ҳад зиёд аз технология ва низоми назорати видеоӣ муносибат намоянд, зеро он ба худ паст намудани муносибати башардустиро дар ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс пинҳон менамояд.

## 8. Муносибати мутақобилаи кормандон-маҳбусон ва зӯроварӣ дар байн маҳкумон

Дар бештари аз давлатҳо низоми маҳбасӣ бахши пурра маблағгузаринашаванда боқӣ монад, танҳо бо ҷудонамоии воситаҳо барои сохтмони деворҳо ва ихтисори штати кормандон то ба сатҳи барои пешгирӣ намудани фирор лозимӣ ва вогузор намудани маҳбусон ба ҳоли худ дар ин ва ё он дараҷа, маҳдуд карда мешаванд. Сатҳи баланди зӯроварӣ ва мавҷудияти низоми худидоракунанда, ки дар таҳти назорати аз ҳама маҳбусони «бонуфуз» қарор доранд-оқибатҳои мантиқии чунин беэътиноӣ мебошанд.

Вақте ки маҳбасҳо ба овардани хатар оғоз менамоянд ва фазои зӯроварӣ ҳукмфармо мебошад, хатари содир намудани ресидив зиёд мегардад, ҳатто мумкин аст, ки дар шакли бештар бераҳмонатар ифода ёбад. Маҳбасҳое, ки зӯровариро таҷриба менамоянд, ба таври кофӣ бесамар мебошанд. Эътино кардан ба ҷанҷолҳо ва ҳуҷум тамоми вақтеро, ки кормандон метавонистанд барои офиятбахшии маҳбусон сарф намоянд, мегирад; миқдори рухсатии кормандон босабаби беморӣ зиёд мегардад, вақте ки онҳо маҷбур мешаванд, ки бо зӯроварӣ кор намоянд; батабобати тиббии ҷароҳати ҷисмонӣ воситаҳои бештар сарф карда мешаванд.

Кумитаи СММ зидди шиканҷа ташвиши худро бо сабаби аз ҳад зиёд пур будан ва пурра набудани ҳайати кормандон изҳор менамояд, ки он ба зӯроварӣ дар байни маҳсубон, аз он ҷумла зӯроварии шаҳвонӣ дар дохили баракҳо ва ПКТ, махсусан ддар вақти шабона ба вуҷуд меорад. Дар баробари беҳтаргардиии шароит ва зиёдгардии шумораи кормандон Кумита тавсия дод, ки барои ҳалли масъалаи мавҷуд набудани чорабиниҳои мақсаднок ва таъмин намудан бо доруворихои табобатӣ, инчунин масъалаи вобаста ба гурӯҳҳои мухолифаткунанда, чораҳо андешида шаванд.

Гурӯҳҳои алоҳида, ба монанди маҳбусони ЛГБТИ ё боздоштшудагон бо харобии рӯҳӣ, бештар ба хавфи татбиқи зӯроварӣ аз тарафи дигар маҳбусон мегарданд ва ба ҳимояи оқилона эҳтиёҷ доранд. Дар ҳолате, ки агар ҳодисаҳо рӯй диҳанд, пас бояд таҳқиқоти дахлдор гузаронида шавад ва гунаҳкорон мутаносибан ба хусусияти рафтор ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Барои ингоҳдории бехатарӣ ва барқарор намудани башардӯстӣ дар низоми маҳбас, кормандон ва хусусияти муносибати онҳо нисбат ба маҳбусон нуқтаи калидӣ ба ҳисоб меравад.  Барои таъмини бехатарӣ сармоя аз нуқтаи назари конфигуратсияи маҳбас лозим аст, махсусан муносибати оқилонаи корманд-маҳбус. Кормадони касбии ба таври дақиқ интихобшуда, ки омодагии заруриро гузаштаанд ва қобилияти амалӣ намудани назоратро доранд, метавонанд бо маҳбусон дар асоси башардустона муносибат намоянд ва дар баробари ин, диққатро барои таъмини бехатарӣ ва тартибот равона намоянд.

Дахолати саривақтӣ аз тарафи корманд ва муқобилат ба рафтори манфӣ, ки метавонад низоро ба вуҷуд орад ё онро бошиддаттар гардонад, аз нуқтаи назари пастнамоии хараҷоти молиявӣ барои нигоҳдории маҳбасҳо бештар самаранок мебошанд, назар ба оне, ки ба ҳодисаҳо пас аз рӯй додани он (постфактум) эътино кардан бо истифода аз қувва. Маҳбасҳо метавонанд бештар бехатар бошанд, агар эҳтиёҷоти асосии инсонӣ қонеъ карда шаванд, аз он ҷумла омодагӣ оид ба механизми идоранамоии самараноки низоҳо, мухолифат ба усуле, ки ба шиддаттар намудани лаҳзаҳои баҳсӣ оварда мерасонад ва фаъолияти дахлдор бо такя ба моҳияти иҷтимоӣ бо мақсади ҳалли низоҳо.

---

[121] Кумитаи зидди шиканҷа, Эродҳои ниҳоӣ, Булғористон, 14 декабри 2011с., CAT/C/BGR/CO/4-5.
[122] Andrew Coyle, A human rights approach to prison management: handbook for prison staff, International Centre for Prison Studies, 2002с., саҳ.13.

**Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшудаи муносибат бо маҳбусон (2015с.):**

Қоидаи 38(1): Ба маъмурияти маҳбас тавсия дода мешавад, ки ба қадри имкон механизми пешгирии низоҳо, миёнаравӣ ё дилхоҳ усулҳои дигари алтернативии ҳалли баҳсҳо барои пешгирии вайроннамоии интизомӣ ва танзими баҳсҳо, истифода бурда шавад.

Қоидаи 76(1): Омодагӣ… бояд ҳадди ақал омӯзиш оид ба масъалаҳои: (c) муҳофизат ва бехатарӣ, татбиқи қувва ва воситаҳои оромкунанда ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагони хашмгин бо дарназардошти дахлдори усулҳои огоҳикунанда ва усулҳои оромнамоии вазъият, ба монанди гуфтушунид ва миёнаравӣ, ба роҳ монда шавад;

Маҳбасҳое, ки дар онҳо консепсияи бехатарии серҳаракат ё назорати бевосита татбиқ карда мешавад, натиҷаҳои беҳтаринро назар ба он колонияҳое, ки дар он ҷо ҳоло ҳам истифодаи усулҳои одатии муҳофизат ва назорат давом дорад, нишон медиҳанд.

Вале, дар баъзе аз давлатҳо кормандони маҳбас мисли пештара уҳдадоранд, ки муносибати фосилавӣ ва расмиро бо маҳбусон барои бехатарӣ ва паст намудани хавфи коррупсия нигоҳ доранд. Ба кормандон тамос бо маҳбусон танҳо бо мақсади додани дастур иҷозат дода мешавад ва дигар намуди муносибатҳоиманъ карда шудаанд. Маҳбусон дар ҳузури муҳофизон бояд рӯ ба девор истанд ё дастони худро ба қафо нигоҳ доранд.

КАЗШ аз ин сабаб қайд намуд, ки «чунин таҷриба аз рӯи андешаи бехатарӣ нолозим ба ҳисоб меравад» ва «рушди муносибати асоснок ва мусбӣ байни кормандон ва маҳбусон на танҳо барои паст намудани хавфи муносибати бераҳмона имкон медиҳад, балки инчунин сатҳи назорат ва бехатариро баланд мебардорад»[123].

ХҲарчанд Қоидаи 28 (1) Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшудаи СММ оид ба муносибат бо маҳбусон таъин намудани худи муассисаи маҳбасро тибқи тартиби интизомӣ ба кор оид ба хизматрасонӣ тавсия намедиҳад, дар бештари аз давлатҳо барои нигоҳдории тартибот маъмурияти маҳбас корро ба маҳбусон аз ҳисоби «афзалиятдоштагон» дар асоси низоми худидоракунии маҳбаси ғайрирасмӣ ё эътирофшуда, месупорад. Ба маҳбусоне, ки маъмурияти маҳбас ба онҳо иҷрои корро дар асоси принсипи «аутсорсинг»-и қисмӣ месупорад, метавонанд бо чунин тарз ҳар як ҷанбаи фаъолияти ҳаётии чунин маҳбусонро назорат намоянд: аз дастрасӣ ба зангҳои телефонӣ то ба вохӯрӣ бо хешовандон ва тамос бо маъмурияти маҳбас. Табиист, ки ин маҳбусон бештари вақт аз «ваколатҳо»-и ба онҳо боваркардашуда суистифода менамоянд, ки он баъд ба таҳдидҳо, тарсондан ва зӯроварӣ оварда мерасонад.

Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа қайд намуд, ки низоми худидоракунии дохилӣ метавонанд ба худсарона истифода намудани қувва ва бавуҷудоии зӯроварӣ «ба зарари категорияи осебпазири маҳкумон ё ба сифати воситаи истисморкунӣ ё тамаъҷӯӣ истифода шаванд [истифода мешаванд]» оварда расонанд, агар назорат ва идоранамоӣ ба таври дахлдор ба роҳ монда нашавад[124].

Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон қайд намуд, ки омили аз ҳад зиёд будани аҳолӣ на танҳо шиддатро зиёд мегардонад, балки инчунин ба барқароргардии ҳокимияти маҳбусони нисбатан обрӯманд ба бетартибиҳо, шуришҳо ва гуруснагиҳо ба аломати эътироз бар зидди чунин шартҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс оварда мерасонад[125].

Ба мақомоти мониторингкунанда, аз он ҷумла ММП зарур аст, ки диққати худро ба сатҳи шуғли меҳнат дар муассисаҳои шакли пӯшида, аз он ҷумла ба таносуби миқдорӣ байни кормандон ва маҳбусон, хусусияти муносибати мутақобилаи онҳо ва бо кадом тарз ин таносуб ба чораҳои бехатарӣ таъсир мерасонад, равона намоянд. Ба ин ҷо мумкин аст масъалаи омӯзиши расмиёти стандартии кории дахлдор ва омодагӣ/омӯзиш, инчунин назорат аз болои муносибатҳои ҳаррӯза ворид карда шавад. Ба ташкилотҳои мониторингкунанда зарур аст, ки ба ҳалли масъалаҳои зӯроварӣ дар байни маҳбусоне, ки ба бехатарӣ ва шаъну шарафи инсон таҳдид менамоянд, ҳам маҳбусон ва ҳам кормандон машғул шаванд.

[123] КАЗШ, стандартҳои КЗШ, иқтибосҳо аз 11 Маърузаи умумӣ, CPT/Inf (2001)16, б.26.
[124] Гузориши чоруми ҳарсолаи Зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа (SPT), 3 феврали 2011с., CAT/C/46/2, саҳ.15-16.
[125] Гузориши Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, оқибатҳои нигоҳдории аз ҳад зиёд дар ҳабс ва аз ҳад зиёд будани аҳолӣ нисбат ба ҳуқуқи инсон (Human rights implications of overincarceration and overcrowding) 10 августи 2015с., A/HRC/30/19, б. 14, истинод ба CAT/OP/MEX/1, б. 166; CAT/C/BGR/CO/4-5, б. 23; ва Ҳуҷҷат Шӯрои Аврупо CPT/Inf (2015) 12, para. 54.

## 9. Шакли либоси маҳбусон

Дар бештари аз давлатҳо маҳбусон уҳдадор ҳастанд, ки либоси ба таври мушаххас муқаррарнамудаи маҳбасро пӯшанд, ки он чӣ тавре ки тасдиқ карда мешавад, барои паст намудани таҳдиди фирор ё азнав боздошт намудан, аз он ҷумла муайяннамоӣ ва назорати ҳаррӯза аз болои маҳбусон, мусоидат менамояд.

Дар бештари давлатҳо низоми рамзгузории рангаро барои фарқнамоии шахсони таҳти тафтишот қарордошта ва маҳбусон, аз он ҷумла дигар категорияҳои маҳбусон аз рӯи сатҳи низом ё вобаста аз мӯҳлати ҳукм ё хусусияти ҷинояти содирнамуда, истифода бурда мешавад. Дар баъзе аз давлатҳо, либос низ «ҷузъҳои инъикоскунандаи равшанӣ»-ро барои осон намудани боздоштшавӣ дар вақти шабона, доро мебошанд[126].

Дар маҳбаси округи Мерсед, иёлоти Калифорния, униформаи маҳбас ҳамчун қисми нақшаи мушаххасшудаи тасниф истифода бурда мешавад. Чунин чораҳо ба он равона карда шудааст, ки кормандони муассиса аъзоёни гурӯҳҳои рақобаткунандаро фарқ карда тавонанд, ба маҳбусон-«радкунандагон» аз узвият дар гурӯҳҳо дар қисми қафои либоси онҳо аббревиатураи «VP» (Victim Potential – қурбонии эҳтимолӣ) барои бовар кунонидани дигар кормандони маҳбас, ки онҳо категорияи осебпазир ба ҳисоб мераванд, дӯхта мешуданд[127]. Танқидкунандагони чунин сиёсат тасдиқ менамоянд, ки тамғагузории мазкур боз ба қурбониҳои бештар мебарад ва онҳо метавонанд дар назди зӯроварӣ аз тарафи дигар маҳбусон боз осебпазиртар гарданд. Инчунин, тасдиқоте мавҷуд аст, ки чунин униформаи маҳбас бо ранги фарққунанда метавонад ба гурӯҳҳои роҳзан бо таҳкими ягонагии коллективии онҳо ва якҷо шудани зӯроварии маҳбас, «хизмати хирсона» расонад.

Дар бештари давлатҳо маҳбусони ба ҳукми қатл маҳкумшуда ва маҳбусони ҷазоро дар шакли якумра адокунанда низ бояд либоси фарққунанда пӯшанд, бештар он ба ақидаи бехатарӣ номутобиқ мебошад. Масалан, дар иёлоти Флорида, ИМА маҳбусони ба ҳукми қатл маҳкумшуда, «комбинезонҳои норанҷии равшан» мепӯшанд, ки он аз матое дӯхта шудааст, ки он бисёр гарм, роҳ гаштан душвор ва доимо хориш ба вуҷуд меорад»,[128] ҳарчанд, ки хавфи фирор дар шароити низоми махсусан сахт хело хурд мебошад. Дар Техас, ИМА ба маҳбусони ба ҳукми қатл маҳкумшуда, дар қафои куртаи онҳо ҳарфҳои «DR»[129]. чоп карда шудааст. Дар Украина таҷрибаи мавҷудаи муайяннамоии ПЛС, ки аз рӯи он униформаи дорои ранги норанҷии равшан бо навиштаҷот дар тахтапушт «маҳкуми қатл (смертник)» дода мешавад, аз тарафи Кумитаи аврупо оид ба пешгирии шиканҷа (КАПШ) зери танқиди фаврӣ, ҳамчун «стигмакунанда» ва «пастзананда»[130].
Ҳарчанд, ки таҷрибаҳои дар боло шарҳ додашуда метавонанд бо ақидаи бехатарӣ ё эҳтиёҷоти дигар дар идоранамоии муассисаҳои шакли пӯшида, фармон дода шуда бошад ҳам, униформаи маҳбас набояд қисми ҷазодиҳандаи низом гардад ва ба мақсади пастзании дорандаи чунин униформа хизмат накунад. Аз ин рӯ, бештари маъмурияти маҳбасҳо аз ин таҷрибаи нолозим даст кашиданд, вақте ки маҳбусон бояд либосро бо ақрабакҳо ё хатҳо мепӯшиданд[131].

Занони маҳбус бо душвориҳои махсус вобаста ба пушидани либоси маҳбасӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Масалан, ҳангоми пӯшидани комбинезон аз рӯи принсипи «бадшакл, вале якхела (безобразно, но однообразно)» занони маҳбус маҷбур ҳастанд, ки ҳангоми ба ҳоҷатхона рафтан, либосҳояшонро то миён бароранд, дар баробари ин, дарҳоро кушода мемонад, дар баъзе ҳолатҳо бошад ҳатто дар ҳузури кормандон ё дигар маҳбусон.
Дар Фаронса, Нозири генералии ҷойҳои маҳрумнамоӣ аз озодӣ, ташвиши худро нисбати чунин таҷриба дар ИВС изҳор намуд, вақте ки занонро барои кашидани синабанд бо мақсади паст намудани хавфи маъюб намудани узви бадан ва ё худкушӣ маҷбур менамоянд. Дар гузориши вай қайд карда мешавад, ки занон

[126] Дар мисоли Қазоқистон ва баъзе давлатҳои дигар, қайд кардан мумкин аст, ки бештари аз муассисаҳои пенитенсиарӣ чунон аз ҳамдигар дур ҷойгир шудаанд, ки савол ба миён меояд: оё бетавозунӣ метавонад байни ақидаҳои бехатарӣ ва хавфи амалии фирор вуҷуд дошта бошад.
[127] Тахмин намудан мумкин аст, ки додани вазъи қурбонии эҳтимолӣ метавонад осебпазирии онҳоро баланд гардонад, махсусан дар он ҳолатҳое, ки ҷудонамоӣ/тасниф ба таври дахлдор иҷро карда намешавад.
[128] Conversation with Michael L. Radelet, Professor of Sociology (суҳбат бо профессори сотсиология Майкл Л. Раделе, Донишгоҳи Колорадо).
[129] http://www.texasobserver.org/solitary-men/ (ниг.тасвир)
[130] Гузориш ба Ҳукумати Украина аз рӯи натиҷаи боздиди Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шарафи инсон (КАПШ) аз 24 ноябри то 6 декабри 2002 сол, 1 декабри 2004 сол, CPT/Inf (2004) 34; ва гузориш ба Ҳукумати Украина аз рӯи натиҷаи боздиди Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шарафи инсон (КАПШ) аз 9 то 21 октябри 2005 сол, 20 июни 2007 сол, CPT/Inf (2007) 22
[131] Professor Andrew Coyle, A human rights approach to prison management, Нашриёти дуюм, саҳ. 42.
[132] Le Contrôleur general des lieux de privation de liberté, Rapport d'activité 2009, http://www.cglpl.fr/2010/rapport-dactivite-2009/ <accessed 27 November 2015>.cglpl.fr/2010/rapport-dactivite-2009/ <accessed 27 November 2015>.

метавонанд бесинабанд дар муддати 12-13 соат истанд, ҳатто дар чунин намуд ба назди суд раванд ва объекти зуд пайхасгардӣ мегарданд[132].

Ҳарчанд дар стандартҳои байналмилалӣ дар маҷмӯъ қайд вобаста ба пӯшидани униформа пешбинӣ нашудааст, вале дар Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшуда, тавсия дода мешавад, ки шахсони таҳти тафтишот қарордошта дорои либоси хусусӣ бошанд[133]. Дар онҳо инчунин тавсияҳои дорои чунин мазмун вуҷуд дорад: «... вақте ки маҳбусон маҳбасро бо иҷозати ҳокимиятҳо тарк менамоянд, ба вай бояд ба пӯшидани либоси худ ё пӯшидани либоси дигар, ки ба чашм намерасад, иҷозат дода шавад». Аз маҳбусон талаб намудани он, ки онҳо униформаи маҳбасро дар назди суд ё вакилони маҳкамаи суд, барои нишон додани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ пушанд, зарурат надорад.

**Кумитаи аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа [134]**

[...] Ҷорӣ намудани либоси ягона барои маҳбусон-новобаста аз сарпаноҳи он-дар гумон аст, ки барои худбаҳогузории маҳбусон мусоидат намояд, ки он қисми муҳими тавонбахшии онҳо ба ҳисоб меравад ва метавонад ҳамчун ба принсипи мӯътадилгардонӣ мухолиф баррасӣ карда шавад, ки мутобиқи он шартҳо дар маҳбасҳо бояд ба он тарзе ташкил карда шаванд, ки онҳо ба қадри имкон ба шартҳои ҳаёти беруна мутобиқ гарданд.

Мақомоти мониторингкунанда метавонанд маълумотро дархост намоянд, ба монанди оё пӯшидани либоси маҳбас асоснок аст ё ба ақидаи бехатарӣ асоснок карда шудааст ва оё ба манъи ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф мутобиқат мекунад.

133 Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали таҷдидшудаи СММ (Қоидаи Мандел), Қоидаи 115
134 Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа, Шветсия:боздид дар 2009с., CPT/Inf (2009) 34, фасли: 28/50, 27 ноябри 2009 с.

# Чӣ тавр ташкилотҳои мониторингкунанда метавонанд тавозунро байни масъалаҳои бехатарӣ ва шаъну шарафи инсон таъмин намоянд?

Хавфи он мавҷуд аст, ки дар маҳбасҳо масъалаи таъмини бехатарӣ нисбат ба дилхоҳ дигар ақидаҳо афзалтар мебошанд ва ҳуқуқи инсон ва шаъну шарафи шахсони аз озодӣ маҳрумшударо вайрон менамоянд. Бо мақсади бартараф намудани ин хавф ташкилоти мониторингкунанда бояд функсияи худро дар асоси равиши умумӣ, бо дарназардошти чораҳои бехатарии коллективии татбиқшаванда ва асосноккунии онҳо дар доираи ҳар як маҳбас ва ҳолатҳои мушаххас иҷро намоянд. Ба онҳо зарур аст, ки таҷрибаҳои мушаххасро нозукбинона баҳогузорӣ намоянд, инчунин таъсири коллективии онҳоро таҳлил намоянд, оё онҳо асоснок, зарурӣ ва мутаносиб ба ҳисоб мераванд ва оё онҳо дар ҳақиқат ба баландравии бехатарӣ ва ҳимоя мусоидат менамоянд. Дар гузоришҳо ва тавсияҳои худ ба онҳо зарур аст, ки барои баҳс намудани чораҳои бехатарии андешидашуда омода бошанд, махсусан вақте ки чунин таҷрибаҳо дар асоси низом ва нисбати ҳамаи маҳбусон, ба баҳогузории хавфи инфиродии бехатарӣ аҳамият надода, ки онҳоро метавонанд ё наметавонанд пешниҳод намоянд, татбиқ карда мешавад.

Эҳтимолан ба мақомоти мониторингкунанда зарур мешавад, ки як қатор суҳбатҳои махфиро бо боздоштшудагон аз ҳисоби намояндагони ҳамаи гуруҳҳо, аз он ҷумла шахсони дар вазъияти осебпазир қарордошта низ гузаронанд. Ба онҳо зарур аст, ки тамоми гурӯҳҳои маҳбусонро пурсанд, онҳое, ки метавонанд ба татбиқи аз ҳад зиёди чораҳои бехатарӣ гирифтор шаванд, масалан гузаронидани суҳбат бо маҳбусон дар тавқифгоҳи муҷозотӣ (ШИЗО) ё тавқифгоҳҳои алоҳида ва ё дар ҳабси яккаса.

Суҳбатҳои махфии расмӣ ва ғайрирасмӣ бо кормандон, махсусан бо он кормандоне, ки бевосита бо маҳбусон дар тамос ҳастанд, барои фаҳмиши масъалаҳои бехатарӣ мафҳуми муҳимро ифода менамоянд, аз он ҷумла аз нуқтаи назари онҳо низ. Вохӯрӣ бо дигар кормандон, масалан бо кормандони тиббӣ ва иҷтимоӣ, инчунин бо аъзои оилаи маҳбусон, намояндагони ассотсиатсияи касбӣ ё иттифоқи касабаи кормандони маҳбас, барои беҳтар даркнамоии он ки оё чораҳо ва сиёсат оид ба таъмини бехатарӣ қонунӣ мебошад ё худсарона, мусоидат менамоянд. Ба ташкилотҳои мониторингкунанда зарур аст, ки санҷиши чандтарафаи маълумоти дар рафти мусоҳиба ҷамъшударо дар асоси омӯзиши ҳуҷҷатҳо ва китобҳои баҳисобгирӣ, аз он ҷумла китоби баҳисобгирии ҳодисаҳо, кортҳои тиббӣ ва ҳолатҳои татбиқи қувва гузаронанд, то ки қонунӣ, зарурат ва мутаносибии чораҳои бехатарии татбиқшаванда ба мақсади паст намудани сатҳи хавфи аз тарафи онҳо ошкоршуда, баҳогузорӣ карда шавад.

Ба ташкилотҳои мониторингкунанда тавсия дода мешавад, ки ба масъалаҳои эҳтимолияти татбиқи таҷрибаи табъизӣ ва тавзеҳоти худсаронаи эҳтиёҷоти мушаххас ҳамчун «таҳдид ба бехатарӣ» чуқуртар ворид шаванд. Ба онҳо зарур аст, ки диққати махсусро ба чунин низоми маҳбасӣ равона намоянд, ки дар он ба масъалаи таъмини бехатарии шахсон дар вазъияти осебпазирӣ, аз он ҷумла кӯдакон, занон, шахсони солхӯрда, одамони камбағалона зиндагоникунанда, намояндагони ақалияти миллӣ ва диннӣ, халқи таҳҷоӣ, намояндагони ҷамъияти ЛГБТИ, муҳоҷирон ва шахсони дорои харобии рӯҳӣ, ки бештар онҳо метавонанд ранҷ кашанд ва ба хатари суистифода гирифтор шаванд, такяи калон медиҳанд. Масалан, шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд ҳамчун шахсоне қабул карда

[135] См. PRI/APT, Women in detention: a guide to gender-sensitive monitoring (Занони маҳбус: Даструамал оид ба мониторинги гендерӣ-ҳиссӣ), нашриёти 2-юм, 2015с.Руководство по гендерно-чувствительному мониторингу), 2-е издание, 2015г.
[136] Ниг. PRI/APT, ЛГБТИ, аз озодӣ маҳрумшуда: чаҳорчубаи мониторинги пешгирикунанда нашриёти 2-юм, 2015с.

шаванд, ки бавуҷудорандаи хавфи калони фирор ба ҳисоб мераванд, намояндагони аққалияти миллӣ ва динӣ, инчунин ҷамъияти ЛГБТИ бошанд метавонанд ҳамчун шахсоне, ки таҳдидро ба фарҳанги бонуфузи маҳбас меоранд баррасӣ карда шаванд ва мутобиқан ҳамчун монеа дар сари роҳи фаъолияти ороми муассисаи шакли пӯшида ба ҳисоб мераванд.

Ба аъзони ташкилотҳои мониторингкунанда зарур аст, ки дар бораи бехатарии шахсони аз озодӣ маҳрумшудае, ки бо вай онҳо суҳбат намудаанд ва дар бораи хавфи ҷазо ё муҷозоте, ки онҳо метавонанд бо сабаби чунин тамосҳо гирифтор шаванд[137] дар хотир дошта бошанд. Аз ин рӯ ба аъзоёни ташкилоти мониторингкунанда зарур аст, ки принсипи «зарар нарасон»-ро риоя намоянд ва усулҳои алтернативии ҷамънамоии маълумотро дар он ҷое, ки имконпазир аст, баррасӣ намоянд.

Ба онҳо инчунин зарур аст, ки дар бораи бехатарии шахсии худ низ фикр кунанд. Дар ниҳояти кор масъулият барои бехатарӣ аз худи гурӯҳҳои мониторингкунанда вобаста мебошад ва онҳо қарор қабул менамоянд, ки ба тавсияҳои ҳукуматҳо пайгирӣ намоянд ё не. Вақте ки иштирокчиёни гурӯҳи мониторингкунанда қарорро дар бораи пурсидани ягон маҳбус ба мухолифи тавсияҳои ҳукуматҳо қабул намоянд, ба онҳо инчунин зарур аст, ки ба шароите, ки дар он суҳбат гузаронида мешавад, диққат диҳанд, масалан, ин бояд ҷое бошад, ки он аз доираи шунвоии муҳофизон берун, вале дар доираи назари онҳо бошад. Аз ин рӯ, мақомоти мониторингкунанда ва ММП метавонанд қоидаҳои дохилии бехатариро баррасӣ ва қабул намоянд, то ки барои эътино намудан ба душвориҳои эҳтимолии ба бехатарӣ вобастабуда дар рафти боздиди мониторингии худ омода бошанд.

Аз сабабе, ки диққати аз ҳад зиёд ба масъалаи бехатарӣ дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ, қисми тамоюли бештари глобалӣ ба ҳисоб меравад, ба ташкилотҳои мониторингкунанда зурур аст, ки ба моҳияти нисбатан васеъ ва тамоюлҳои иҷтимоӣ, ки дар онҳо талабот оид ба «боз ҳам пурзӯр намудани бехатарӣ» дар муассисаҳои шакли пӯшида баландтар садо медиҳад, аз он ҷумла таъсири онҳо ба масъалаи идоранамоии маҳбасҳо, диққат диҳанд. Ба онҳо масъулият барои муқовимат ба қабулнамоии бардурӯғи мавҷуд набудани бехатарӣ, хабарҳои «хушк» ва мулоҳизаҳо оид ба маҳбусон ва талабот оид ба қабули қонунҳои бештар ҷазодиҳанда вогузор мегардад. Барои ин ба онҳо зарур аст, ки стратегияҳои аниқ муайяншудаи иттилоотӣ-равшаннамоиро таҳия намоянд, ки он ба ВАО, ходимони сиёсӣ ва ҷомеаи васеъ равона шудаанд.

Ва ниҳоят, ташкилотҳои мониторингкунанда дар ҷалбнамоии шахсоне, ки қарор қабул менамоянд ва ҷомеаи фаррох нисбат ба оқибатҳои муҳлатнок ва нисбатан дарозмуҳлати сиёсатҳои муайян, махсусан дар он ҳолатҳое, ки «чораҳои бехатарӣ» дар ҳақиқат бесамар ба ҳисоб мераванд ва ба зиёдгардии зӯроварӣ ва бадгардии вазъияти ба бехатарӣ ва тартибот вобастабуда оварда мерасонад нақши муҳимро мебозанд.

Дар ниҳояти кор, мақсади барқарорнамоии ҷомеаи нисбатан бехатар танҳо дар асоси низоми боадолатонаи адолати суди ҷиноятӣ ба даст оварда мешавад, ки дар он шаъну шараф инсонии ҳамаи шахсони дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ қарордошта эҳтиром карда мешавад.

[137] Ҷазо инчунин метавонанд ба кормандоне, к ибо мақомти мониторингкунанда дар тамос буданд, дахл дошта бошад.

UNDEF The United Nations Democracy Fund FNUD Fonds des Nations Unies pour la démocratie

apt association pour la prévention de la torture asociación para la prevención de la tortura association for the prevention of torture

PENAL REFORM INTERNATIONAL

## Мавод барои гузаронидани мониторинги ҷойҳои маҳрум сохтан аз озоди



**Идоракунии омилҳои хатари пешгирикунии шиканҷа ва муносибати бераҳмона**

# Дар бораи ҳуҷҷат

Ҳуҷҷати мазкур як қисми воситаи Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (PRI) барои гузаронидани мониторинги ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ буда, ҳамчун маводи таҳлилӣ ва роҳнамоии амалӣ барои ташкилотҳои мониторингӣ, аз ҷумла барои Механизми миллии пешгирикунанда барои иҷрои самараноки ваколатҳои пешгирикунанда ҳангоми боздид аз идораҳои полис ва маҳбасҳо, истифода мешавад.

Воситаи мазкур барои кумак ба чунин мақомот, ки дар ҳалли мушкилоти марбут ба омилҳои системавии хавф, ки ба фароҳам овардани муҳите, ки дар он ҷо шиканҷа ё дигар намуди муносибати бераҳмонаа истифода мешавад, мусоидат мекунад. Воситаи зикргардида аз инҳо иборат аст:

**Ҳуҷҷатҳои мавзӯӣ:** дар онҳо таҳлили васеъи мавзӯъҳо ҷамъ овварда шудаанд, ки барои такмили муносибати маҷмӯӣ ба мониторинг, баррасии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалияи тамоми системаи адолати судии ҷиноятӣ бо тамаркуз ба ҷанбаҳои мисли мушкилии гендерӣ, тамоюли ҷинсӣ ё фарҳанги институтсионалӣ равона карда шудаанд.
**Варақаҳои иттилоотӣ:** дастури амалӣ дар бораи он, ки чихел ташкилотҳои мониторингӣ метавонанд ба мушкилиҳои системавӣ, аз ҷумла гузаронидани кофтукови шахсӣ ё шароити кории кормандони маҳбасҳо диққати махсус зоҳир намоянд, ки омилҳои хатари баланди истифодаи шиканҷа ё муносибати бераҳмонаро дар бар гирад.

Ҳамаи сарчашмаҳо дар шакли мавод дар сомонаи интернетии **www.penalreform.org** ва **www.apt.ch.** низ дастрас мебошанд. Мавҷудияти ҳуҷҷатҳоро бо забонҳои дигар дар сомонаи мазкур тафтиш кунед.

**Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (Penal Reform International)**
60–62 Commercial Street
E1 6LT Лондон, Британияи Кабир

**www.penalreform.org**
@PenalReformInt

**Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа (Association for the Prevention of Torture)**
PO Box 137
CH-1211 Женева 19 Швейтсария

**www.apt.ch**
@apt_geneva